# ҶАШНИ ВАТАНДОРӢ ХУҶАСТА БОД!


*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИ... ...МТ **** ...УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2025, ШАНБЕ




Тоҷикистони азизи мо баъди эълони истиқлолият роҳи бунёди давлатдории навини миллиро пеш гирифт ва дар шароити бисёр ҳассосу фоҷиабор, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ соҳиби рамзҳои давлатӣ гардид, ки муаррифгари давлати тозаистиқлоли мо дар арсаи байналмилалӣ ва боиси ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар мебошанд.

Ҳамзамон бо ин, мо бо мақсади арҷгузорӣ ба ҳофизаи таърихӣ ва гузаштаи пурифтихори халқамон арзишҳои давлатдорӣ ва суннатҳои тамаддунсозии ниёгони худ, аз ҷумла давлатдории Сомониёнро эҳё намудем.

Хотирнишон месозам, ки роҳи дар муддати беш аз се даҳсола тайкардаи мо пур аз шебу фарозҳо буда, мардуми шарифи Тоҷикистон тавонистанд истиқлоли давлатии худро аз фитнаву дасисаи бадхоҳони дохиливу хориҷии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон содиқона ҳифз намоянд, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро дар кишвар барқарор созанд.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Соли равон аз замони ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ватани азизамон, ки аз арзишмандтарин дастовард, бузургтарин неъмат ва беназиртарин сарвати миллати сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолори тоҷик дар интиҳои садсолаи гузашта маҳсуб меёбад, 33 сол пур мешавад.

Бо қаноатмандӣ ва шукргузорӣ изҳор медорем, ки дар дарозои 33 соли сипаришуда Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пуршебу фароз ва басо пурифтихореро тай намуда, сокинони сарбаланду меҳнатқарин, ватандӯсту ободкори кишвар бо дастгирӣ ва пуштибонии амиқ аз сиёсати ҳадафмандонаву бобарор ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои бузурги меҳнатӣ ва истеҳсолӣ ноил гаштанд.

Бо шукргузорӣ аз самараву бараkати Истиқлоли давлатӣ, дар натиҷаи ибтикороти пайвастаи Ҳукумати мамлакат дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, таъмини шароити зиндагонии арзандаи сокинони кишвар, сулҳу ваҳдати комил, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва боло бурдани мақому манзалати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ корҳои бузург амалӣ шуда истодаанд.

Моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷамъиятию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти босуръат тағйирёбандаи замони муосир беш аз ҳар вақти дигар атрофи сиёсати бобарори Пешвои муаззами миллат муттаҳид гашта, ҷиҳати таҷлили сазовори бузургтарин ҷашнвораи миллӣ – 34 солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ҳам ободу пешрафта гардонидани он самаранок меҳнат кунем ва ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ рӯй биёрем.

Хоҳишмандам, самимитарин паёми шодбошӣ ва номаи табрикотии инҷонибро бо як ҷаҳон таманниёти нек ва садоқати афзун ба ифтихори таҷлили ҷашни бошукӯҳи 34-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бипазиред.

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
Насриддинзода Э.С.**

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Шерализода Миралӣ
ШЕРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Якуб ҲАКИМОВ**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Идизода Ф.Ф.**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

## ТАМОШОИ ДАСТАҶАМЪОНАИ СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БАХШИДА БА «РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ» ДАР ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ





## ХУШХАБАР

Санаи 5-уми сентябри соли равон дар толори калони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ифтихори 34-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Пешвои миллат – кафили соҳибистиқлолӣ ва зиндагии шоиста» баргузор гардид. Пас аз анҷоми ҳамоиш дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат - Давлатмандзода Э.Д. бо «Медали хизмати шоиста» ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ - Раҷабализода А.Р.





бо Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамчунин 5-уми сентябри соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илм низ чорабинии тантанавӣ бахшида ба 34-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ баргузор гардида, дар он ба як қатор кормандони соҳа мукофотҳои олии давлатӣ ва ҷоизаву унвонҳои фахрӣ супорида шуд, ки дар ин миён дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ Саидзода Ҳикматулло низ бо Медали Хизмати шоиста сарфароз гардонида шуд!

Ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ эшонро бо ин дастовардашон табрику муборакбод намуда, дар фаъолияти минбаъдаашон барору комёбӣ таманно менамоянд.

## ДИФОИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ ДАР ФАКУЛТЕТ



Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад. Хурсандиовар аст, ки теъдоди устодони унвондор дар факулет рӯз аз рӯз ба маротиб зиёд гардида, онҳо пайваста бо унвонҳову дастовардҳои илмӣ сарфароз гардонида мешаванд ва ба ин васила хазинаи илмии мамлакатро бою ғанӣ мегардонанд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр санаи 26 августи соли 2025 устоди кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ Каримзода Хуршед Сафомудин рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории



Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода Парвон Зайналобудин сарбаландона ҳимоя намуд.

Садорат ва ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Каримзода Хуршедро бо ин дастоварди арзишманди илмӣ таҳният гуфта, дар корҳои минбаъдаи илмӣ барору комёбиҳои аз ин бештарро орзу менамоянд.



Боиси ифтихор аст, ки мақолаи мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар дар мавзуи “Правовые проблемы трансграничных водных ресурсов в регионе Центральной Азии” дар монографияи дастаҷамъӣ “Международно-правовое регулирование трансграничных рек/ рук. проекта: Туймебаев Ж., Чжан Лицюнь; научные редакторы: Дуйсенов Е., Шан Вынхуа; исполнительный редактор: Ушурова С.; ред. колл.: Ахатов У., Сайрамбаева Ж., Куаналиева Г., Ли Чжун, Чэнь Ли, Ван Пэн, Майер И., Сартова А., Ли Цзе, Чжан Султан – Алматы, 2025. – 394 с.” ки бо ҳаммуалифии олимони Қазоқистон, Чин, Қирғизистон, Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, ки дар Ҷумҳурии Халқии Чин бо забони русӣ, англисӣ ва чинӣ аз чоп баромад, нашр шудааст.

## ХУШХАБАР!



# ҶОИЗАИ ДАВЛАТӢ ФАРХУНДА БОД!



Санаи 25 августи соли 2025 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни 34-солагии Истиқлоли давлатӣ ба намояндагони касбу кори гуногун мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ супориданд.

Боиси хушнудист, ки дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ, н.и.ҳ., Мирализода Эмомалӣ Бобо бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соҳаи илм ва техника барои олимони ҷавон дар соли 2025 сарфароз гардонида шуд.

Аз номи кулли устодон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ устоди азизро бо ин руйдоди фараҳбахш табрик намуда, дар фаъолияти минбаъдаи илмию омузгориашон бурдбориҳо хоҳонем.

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ








Боиси ифтихору сарбаландист, ки давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба як маркази бонуфузи омодасозии кадрҳои лаёқатманд ва ҳайати роҳбарикунанда табдил ёфтааст. Дастпарварони ин боргоҳи муқаддас имрӯз дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ кору фаъолият намуда, барои пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ хизмати содиқонаву софдилона намуда истодаанд.

Дар ҳамин асно як қатор омӯзгорони факултет аз қабили Сафарализода Зафар Сафаралӣ дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2025, №416, ба вазифаи муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қодирзода Далер дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ дар мувофиқа бо Раиси шаҳри Душанбе ба мансаби Сардори шуъбаи Ҳадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе, бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллӣ, Имомов Ҳумоюн муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносӣ ба вазифаи мушовир-ҳуқуқшиноси шуъбаи ҳуқуқи Донишгоҳ, Саъдиев Исмоил дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат ба вазифаи муовини декан оид ба таълим дар шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ таъйин гардиданд. Ҳамзамон, бо Фармоиши Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 нафар дотсентони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултет Исозода Парвиз Асадулло ба вазифаи сардори раёсати таълим ва Сафарзода Некрӯз Файзӣ ба вазифаи декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардиданд.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ эшонро ба муносибати таъйин гардиданашон ба ин вазифаҳои пурмасъул самимона табрику шодбош намуда, ба онҳо саломативу сарбаландӣ, пирӯзиву хушнудӣ ва фатҳи қуллаҳои баланди касбиро орзу менамоянд.

# ИШТИРОКИ НАМОЯНДАГОНИ ДОНИШГОҲ ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР ДОИРАИ КИШВАРҲОИ УЗВИ СҲШ

Дар доираи кишварҳои Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) Форуми сатҳи баланд оид ба иқтисоди рақамӣ ва ҳамкориҳои инноватсионӣ дар Ҷумҳурии мардумии Чин баргузор гардид.

Дар кори Форум намояндагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Мирализода Эмомалӣ, Шарифзода Нурулло ва Буризода Акмал фаъолона иштирок намуданд. Ҳадафи иштироки ҳайати ДМТ дар ин чорабинии байналмилалӣ густариши ҳамкориҳои илмӣ, таълимӣ ва технологӣ бо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва сохторҳои дахлдори кишварҳои узви СҲШ мебошад.

Дар ҷараёни Форум намояндагони ДМТ бо намояндагони вазорату идораҳои дахлдори кишварҳои аъзо, инчунин, марказҳои тадқиқотӣ ва ширкатҳои инноватсионӣ мулоқоту гуфтушунид анҷом дода, роҳҳои рушди ҳамкориҳои муштарак ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор доданд.




Намояндагони Донишгоҳ дар ҷараёни мулоқотҳо таъкид намуданд, ки тақвияти ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ дар сатҳи кишварҳои СҲШ, аз ҷумла барномаҳои мубодилаи донишҷӯён, таҳқиқоти муштарак ва ташкили мулоқотҳои соҳавӣ яке аз афзалиятҳои асосии ДМТ дар самти ҳамкории байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар анҷом иштирокчиён умедвории худро изҳор доштанд, ки натиҷаҳои Форум ва пешниҳодҳои ироагардида дар рушди минбаъдаи ҳамкориҳо ва татбиқи сиёсати иқтисодиёти рақамӣ нақши муассир хоҳанд гузошт.

*Тоҷикистон истиқлолияти давлатии худро 9 сентябри соли 1991 эълон кард, ки ин ҳодиса пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба вуқӯъ пайваст. Ин рӯз ҳамчун Рӯзи истиқлолияти давлатӣ ҷашн гирифта мешавад ва нишонаи пойдории давлат, асолати миллат ва саодати мардум аст. Пеш аз Истиқлолият, Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии иттиҳодӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ буд ва таърихи он ба солҳои 1920-ум бармегардад, вақте ки ҳудудҳои он муайян карда шуданд. Дар солҳои аввал, кишвар бо мушкилоти иқтисодӣ ва сиёсӣ рӯбарӯ шуд, зеро аз субсидияҳои Москва маҳрум гардид ва системаи бартерӣ аз байн рафт. Ин ҳолат ба афзоиши шиддати сиёсӣ ва минтақавӣ оварда расонд. Истиқлолият ҳамчун марҳилаи навин барои бунёди давлатдории миллӣ хизмат кардааст.*



МИРЗОЗОДА Парвон
декани факултети ҳуқуқшиносӣ,
д.и.ҳ., профессор

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИХТИЁР




Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, кишвар бо ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) рӯбарӯ шуд, ки боиси марги аз 35 ҳазор то 157 ҳазор нафар ва муҳоҷирати ҳудуди 1 миллион нафар гардид. Ин ҷанг байни ҳукумат ва мухолифин, ки аз ҳизбҳои исломӣ ва демократӣ иборат буданд, ба вуқӯъ пайваст ва ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсири ҷиддӣ расонд. Дар соли 1992, низоъҳои аввалин бо марги ҳазорҳо нафар ва муҳоҷирати оммавӣ оғоз шуданд. Дар солҳои 1994-1996, бо миёнҷигарии Созмони Милали Муттаҳид (СММ), музокирот ва созишҳои қисман, аз ҷумла оташбас, ба даст омаданд. Дар соли 1997, сулҳ барқарор гардид, ки бо баргардонидани муҳоҷирон ва ислоҳотҳои сиёсӣ ҳамроҳ буд. Созишномаи сулҳ ба ҳамгироии мухолифин ба ҳукумат ва ислоҳотҳои сиёсӣ мусоидат кард. Ин ҷанг ба рушди ҳуқуқӣ таъсир расонд, зеро зарурати қонунҳои нав барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва устуворӣ эҳсос мешуд. Ба андешаи ман, аз таҳлили монографияи «Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ», саҳми Пешвои миллат дар ҳалли ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарорсозии сулҳ заминаи рушди қонунгузориро фароҳам овард, зеро ӯ ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдат дар ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ нақши муҳим дошт.

Истиқлолият имкон дод, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёрдарарсаибайналмилалӣ эътироф шавад. 2 марти соли 1992, Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) гардид ва то имрӯз пешниҳодҳои зиёде аз ҷониби кишвар дар ин созмон қабул шудааст, аз ҷумла эълони соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо. Ин дастовардҳо ба таҳкими ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат кардаанд, ки дар навбати худ рушди қонунгузориро ҳавасманд гардонидаанд.

Пас аз истиқлолият, Тоҷикистон робитаҳои хориҷиро бо кишварҳои ҳамсоя ва байналмилалӣ барқарор кард. Робитаҳо бо Русия ҳамчун шарики стратегӣ идома ёфтанд, аммо диверсификатсия ба самти Чин, Эрон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико низ дида мешавад. Кишвар узви созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), гардид. Аммо робитаҳо бо ҳамсояҳо, аз ҷумла Ӯзбекистон ва Қирғизистон, бо мушкилоти марзӣ ҳамроҳ буданд. Ин ҳамкориҳо ба кабули конунҳои байналмилалӣ ва ислоҳотҳо мусоидат карданд. Ба андешаи ман, аз таҳлили монографияи «Пешвои миллат: роҳи сулҳ, ваҳдат ва рушди Тоҷикистон», сиёсати «дарҳои кушод» таҳти роҳбарии Пешвои миллат заминаи ҳамкориҳои байналмилалиро мустаҳкам кард, ки ба рушди қонунгузории соҳибихтиёр мусоидат намуд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ва Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таърихи навинтарини кишвар нақши муҳим дорад. Ӯ аз соли 1992 ҳамчун Раиси Шурои Олии Тоҷикистон ва аз соли 1994 ҳамчун Президенти кишвар фаъолият мекунад. Дар соли 2015 бо қонуни махсус унвони «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» ба ӯ дода шуд, ки ин унвон ҳуқуқҳои ҳаётӣ, аз ҷумла эҳтироми ҳаётӣ ва ҳимоя аз таъқибро таъмин мекунад.

Фаъолияти Пешвои миллат дар барқарорсозии сулҳ ва ваҳдати миллӣ муҳим аст. Ӯ дар ҳалли ҷанги шаҳрвандӣ ва баргардонидани муҳоҷирони ҷангӣ саҳми калон гузошт, ки ин кор ба устувории истиқлолияти давлатӣ мусоидат кард. Дар соли 1997, таҳти роҳбарии ӯ, Созишномаи сулҳ имзо шуд, ки ба ҳамгироии мухолифин оварда расонд.

Таҳти роҳбарии Пешвои миллат, ислоҳотҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ гузаронида шуданд, ки аз соли 2000 то имрӯз идома доранд. Аз ҷумла, бунёди неругоҳҳои барқии обӣ, ба мисли Неругоҳи Роғун, ва таҳкими сарҳадҳо бо Афғонистон, махсусан пас аз соли 2021, аз дастовардҳои муҳим буданд. Пешвои миллат дар сиёсати хориҷӣ низ фаъол аст, ки аз соли 1992 то имрӯз идома дорад, аз ҷумла ташаббусҳои обӣ дар СММ, ки ба таҳкими мақоми Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ кӯмак кардааст. Ин дастовардҳо Пешвои миллатро ҳамчун сиёсатмадори хирадманд ва меъмори давлатдории миллӣ муаррифӣ мекунанд. Пешвои миллат ҳамчун тарғибгари арзишҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, сиёсати ҳуқуқиро ҳамчун воситаи таҳкими равобити ҷамъиятӣ ва рушди устувори давлат истифода кардааст, ки ин ба таҳкими волоияти қонун мусоидат намуд. Фаъолияти Пешвои миллат дар барқарорсозии сулҳ ва ваҳдат заминаи устувории сиёсӣ ва ҳуқуқиро фароҳам овард, ки ҳатто дар шароити танқидҳои байналмилалӣ, дастовардҳои ҳуқуқиро мустаҳкам гардонид.

Рушди қонунгузорӣ дар Тоҷикистони соҳибихтиёр аз қабули Конститутсияи нав дар соли 1994 оғоз ёфт, ки ин ҳуҷҷат ҳамчун пойдевори давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ шинохта шуд. Конститутсия бори аввал тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид ва ҳуқуқҳои асосии инсон, ҳокимияти ҷудогона ва низоми президентиро муайян кард. Дар солҳои 1999, 2003 ва 2016, тағйиротҳои конститутсионӣ ворид карда шуданд, ки маҳдудиятҳои муддати президентиро бардоштанд ва ҳизбҳои сиёсии диниро манъ карданд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ, қонунҳои зиёде қабул шуданд, ки ба таҳкими ҳуқуқҳои инсон, мубориза бо терроризм ва рушди иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Масалан, дар соли 1993, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак» қабул гардид, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон равона шуда буд. Дар соли 1998, Кодекси оила тасдиқ шуд, ки муносибатҳои оилавӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандонро танзим мекард. Дар соли 1999, Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бо терроризм» қабул гардид, ки ба таъмини амнияти ва мубориза бо экстремизм нигаронида шудааст. Ислоҳотҳои судӣ ва ҳуқуқӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат гузаронида мешаванд, ки ба беҳбуди низоми ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Дар соли 2022, Қонуни аввалин «Дар бораи мубориза бо табъиз» қабул шуд, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон нигаронида шудааст. Рушди қонунгузорӣ дар заминаи сиёсати ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, ки Пешвои миллат тарғиб мекунад, ба таҳкими ҳуқуқҳои инсон ва мубориза бо радикализм мусоидат кардааст. Рушди қонунгузорӣ ба ҳамкориҳои байналмилалӣ низ мусоидат кардааст. Тоҷикистон ҳамчун узви СММ ва дигар созмонҳо, қонунҳои мувофиқ ба стандартҳои байналмилалиро қабул кардааст, ки ин ба таҳкими соҳибихтиёрӣ кӯмак мерасонад.

Пас аз истиқлолият, Тоҷикистон робитаҳои наздик бо Русияро нигоҳ дошт, аз ҷумла ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва иқтисод. Чин ҳамчун шарики иқтисодӣ муҳим гардид, бо сармоягузориҳо дар инфрасохтор. Ин робитаҳо ба қабули қонунҳои марбут ба ҳамкорӣ ва амният мусоидат карданд.

Робитаҳо бо ИМА ва Аврупо пас аз соли 2001 афзоиш ёфтанд, бо кӯмакҳои молиявӣ ва ислоҳотҳо. Ин робитаҳо ба рушди ҳуқуқӣ мусоидат карданд. Ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат, ба монанди сиёсати «дарҳои кушод», ба таҳкими қонунгузории соҳибихтиёр ва ҳамоҳангӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мусоидат кардааст.

Истиқлолияти давлатӣ, фаъолияти Пешвои миллат ва рушди қонунгузории Тоҷикистони соҳибихтиёр робитаи ногусастанӣ доранд. Истиқлолият заминаи ҳуқуқӣ барои давлатсозӣ фароҳам овард, Пешвои миллат ин равандро роҳбарӣ кард ва рушди қонунгузорӣ дастовардҳои онро мустаҳкам гардонид. Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва устувор дар арсаи байналмилалӣ шинохта мешавад. Ин омӯзишҳо барои фаҳмиши беҳтари таърихи навинтарини Тоҷикистон муҳиманд ва метавонанд ба сиёсатҳои оянда мусоидат кунанд. Саҳми Пешвои миллат дар рушди қонунгузорӣ ва таҳкими истиқлолият ҳамчун намунаи давлатдории оқилона барои наслҳои оянда хидмат мекунад.

# ПАЁМИ ТАШАББУСҲОИ БАШАРДӮСТОНА:

## БО ОРДЕНИ ДӮСТӢ САРФАРОЗ ГАРДИДАНИ МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ



*Миллати тоҷик аз азал бо тамаддун ва фарҳанги сулҳовару дӯстпарвари хеш маҳбуби ҷаҳониён гаштааст. Аз Куруши Кабир то Исмоили Сомонӣ ва Пешвои миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамагӣ дар талошу таҳкими сулҳу субот ва дӯстӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ буданд ва ҳастанд. Маҳз принсипи дӯстӣ ва таҳкими сулҳ боис гардид, ки аҷдодони мо дар саҳифаи таърихи башарӣ ҳамчун миллати фарҳангсолор сабт шаванд. Бузургони илму ирфони мо Рӯдакӣ, Айнӣ, Турсунзода ва дигарон ҳамеша аз сулҳу дӯстӣ мегуфтанду эҷод менамуданд. Ҳамагӣ чеҳраҳои мондагори миллати тоҷик маҳз бо ҷонибдорӣ ва саҳмгузорӣ дар таҳкими сулҳу дӯстӣ номашон бо хати заррин сабт шудааст.*

Имрӯз бо шарофати истиқлоли давлатӣ ва хосатан сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суннати неки аҷдодӣ, яъне таҳкими сулҳу субот ва дӯстӣ бо ҳамсоякишварҳо ва ҷомеаи башарӣ идома дорад. Дар шароити имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки қисми зиёди кишварҳо ба ҳамдигар муносибати самимӣ ва дӯстона надоранд, бухронҳои шадиди сиёсӣ дар ин ё он минтақа ба амал омадааст. Паёмадҳои номатлуби раванди ҷаҳонишавӣ имрӯз ҳама гуна субъектҳои мустақили муносибатҳои байналмилалиро ҳушдор месозад, ки дар муносибат бо ҳамдигар аз принсипи дӯстӣ ва ҳамсоягии нек истифода намоянд.

Хушбахтона Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳое мебошад, ки бо ҳама кишварҳои хориҷӣ муносибати неку самамиро роҳандозӣ намуда, ҳамеша ҷонибдорӣ аз таҳкими сулҳу дӯстӣ менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бешубҳа имрӯз тавассути ташаббусҳои башардӯстонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун кишвари сулҳпарвар ва шарики боэътимод аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта ва эътироф шудааст.

Дар партави сиёсати сулҳпарварона ва мактаби сиёсии Пешвои миллат имрӯз Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳамчун роҳбари дурандешу соҳибхирад тавонистанд, ки дар муддати кӯтоҳ дар таҳкими парламентаризми кишвар нақши хоссаи хешро гузоранд. Муҳтарам Рустами Эмомалӣ имрӯз дар мамлакат намунаи барҷастае аз ходимони давлатӣ маҳсуб ёфта, чи дар рушди палатаи болоии Мақоми олии қонунгузор ва чи дар рушду нумӯи пойтахти азизи кишварамон шаҳри Душанбе саҳми боризи худро гузошта истодаанд. Махсусан, дар замони роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ муносибатҳои байнипарламентии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо густариш ёфта, фаъолияти ин ниҳоди муҳимми давлатдорӣ боз ҳам устувор гардид.

Ин навбат, ба хотири тавсеаи муносибатҳои дуҷониба ташрифи расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон дар рушди муносибатҳои дӯстонаи байнипарламентӣ паёмади некеро ба бор овард. Бояд гуфт, ки муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатию иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Қазоқистон дар меҳвари сиёсати бисёрҷонибаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Қазоқистон яке шарикони бисёр боэътимод барои кишвари мо махсуб ёфта, дар муддати се даҳсола аз ҳамкории дипломатӣ то ба сатҳи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ баромад. Албатта, ин нишони сиёсати муваффақи сарони ҳарду кишвар мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Қазоқистон риштаҳои кавии таърихӣ, дӯстӣ ва бародарӣ ба ҳам мепайвандад. Муносибати ҳар ду кишвар аз нигоҳи сиёсӣ бар асоси соҳибихтиёрӣ, дахлнопазирӣ, ҳалли масъалаҳо бо роҳи гуфтушунид ва манфиатҳои мутақобилан судманд бунёд ёфтаанд.

Дар доираи чунин муносибатҳои стратегӣ сафари расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ, ки 26-уми августи соли ҷорӣ сурат гирифт таърихӣ ва мондагор шуд.

Дар хошияи сафари расмӣ мулоқоти таърихӣ ва мондагори муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев доир гардид. Зимни мулоқот муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистон баррасӣ гардида, ҷонибҳо аз ҳамкории судманд изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Бо дар назардошти нақши муҳим гузоштан дар густариши муносибатҳои дӯстона ва таҳкими муносибатҳои стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, аз ҷумла густариши муносибатҳои байнипарламентӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ шахсан аз ҷониби Президенти Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев бо мукофоти давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон – Ордени «Дӯстӣ», дараҷаи 2 сарфароз гардонида шуданд.

Қадрдонии муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев бо мукофоти олии давлатӣ бори дигар аз эҳтирому эътирофи хосса ва муносибатҳои судманди дуҷонибаи ду кишвар ба ҳам дӯст хабар медиҳад. Имрӯз муҳтарам Рустами Эмомалӣ чун дастпарвари мактаби сиёсии Пешвои миллат аз ҷониби роҳбарияти кишварҳои зиёди ба мо дӯсту ҳамҷавор ҳамчун роҳбари кордону дурандеш эътироф шудааст. Эътирофу қадрдонии муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷониби шариконы боэътимоди Тоҷикистон, алаббата нишоне аз қудсияти мактаби давлатдории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ташаббусҳои муҳтарам Рустами Эмомалӣ чи дар рисолати қонунгузорӣ ва чи дар рисолати шаҳрдорӣ барои ҳамагон рӯшану возеҳ буда, ба таври шоиста аз ҷониби ҷомеа ва берун аз Тоҷикистон эътироф мегардад. Имрӯз палатаи болоии Мақоми олии қонунгузор таҳти роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ муносибатҳояшро бо парлумонҳои кишварҳои хориҷӣ, махсусан Ҷумҳурии Қазоқистон ба таври густурда роҳандозӣ намудааст.

Дар хошияи сафари расмӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Сенати парламенти Қазоқистон Маулен Ашимбаев вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дуҷониба, робитаҳои байнипарлумонӣ, ҳамчунин масоили мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар мулоқот бо Сенати парламенти Қазоқистон равобити байнипарлумонӣ яке аз самтҳои калидии маҷмуи муносибатҳои байни ду давлат номида шуд. Маҷлиси миллӣ ва Сенати Парламент ҳамкории мутақобилаи судмандро мунтазам ва дар сатҳи сифатан баланд ба роҳ мононда, дар таҳкими муносибатҳои боэътимод байни давлатҳо нақши рӯзафзун доранд. Ҳамчунин, аз густариши муназзами муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ, илмию техникӣ ва ҳарбию техникӣ изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Ташрифоти расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон ба таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба, шарикии стратегӣ, ҳампаймонӣ ва манфиатҳои миллию иқтисодии дуҷониба мебошад.

Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сиёсати «дарҳои боз» мутавозин ва бисёрсамтӣ, барои ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои минтақа содиқ буда, дар ин росто, Ҷумҳурии Қазоқистон яке аз шарикони муҳимми стратегии он дар Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Маҳз ана ҳамин садоқату боварӣ ва таҳкими дӯстӣ бори дигар имкон дод, ки муҳтарам Рустами Эмомалӣ яке аз аввалинҳо шуда аз миёни роҳбарони палатаҳои болоии парламентҳои кишварҳои хориҷӣ ба мукофоти давлатии Ордени «Дӯстӣ», дараҷаи 2 сарфароз гардонида шавад.



ҚУРБОНАЛИЗОДА Нурулло
профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ

Дар муддате, ки муҳтарам Рустами Эмомалӣ раёсати палати болоии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар дӯш доранд, дар муносибатҳои хориҷии парламенти кишвар таҳаввулоти зиёду назаррас ба амал омад. Муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар тамоми ҷаласаҳои Шурои Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ширкати фаъол менамояд. Чи тавре, ки Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ҷаласаи Шурои Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Алмаато 29-уми марти соли 2022 таъкид намуда буданд: «Тоҷикистон ба фаъолияти АБ ИДМ аҳаммияти хосса медиҳад ва палатаҳои Маҷлиси Олӣ бо соҳторҳои Ассамблея ҳамкории густурда ба роҳ мондаанд. Дар ин давра мо сиғаи Ассамблеяро барои таҳкими равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии байни кишварҳо, ниғоҳдорӣ ва амиқтар кардани робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои узви ИДМ фаъолона истифода намудем. Тайи 30 сол АБ ИДМ аҳаммият ва афзалияти худро ҳамчун шакли универсалии ҳамкории байнипарлумонӣ собит карда, имрӯз ҳамчун сохтори муассири байнипарлумонӣ эътироф шудааст».

Ҳамин тавр, бо боварии комил метавон ифроз дошт, ки тавассути иқдомҳои шоистаи муҳтарам Рустами Эмомалӣ Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои охир марҳалаи сифтан нави рушдро касб карда, равобити судмандро бо парлумони кишварҳои хориҷӣ ба роҳ мондааст.

# РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ



РАҶАБЗОДА Фаридуни Кишвар
муовини аввал, муовини ректори ДМТ оид ба таълим, н.и.б., дотсент

Арҷгузорӣ ба илму дониш ва марокизи маърифатӣ аз суннатҳои неки ниёкони тоҷикон махсуб ёфта, ҷузъи муҳимми тамаддуни моро ташкил медиҳад. Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ормони ҷандинасраи халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, барои инкишофи бемайлони ҷомеа, махсусан соҳаи маорифи кишвар шароити мусоидеро фароҳам овард. Ҳукумати мамлакат таҳти роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок эълон намуда, онро омили муҳимтарини рушди давлату миллат эътироф намудаанд. Махсусан, дар ин давра низоми таҳсилоти олии касбӣ рушд карда, ба меъёрҳои сатҳи байналмилалӣ мувофиқ гардонида шуд. Рисолати нахусти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба эҳтиёҷоти иқтисодиёти кишвар дар сатҳи баланд омода кардани мутахассисони соҳибмаълумот махсуб мебад. Таҳкиму инкишофи ҷомеа, рушди босуботи иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва ноил шудан ба фазои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба рушди маориф ва ташкили ҷараёни муътадилу босифати таълиму тарбияи мутахассисон вобастагӣ амиқу дақиқ дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин давра ба рушди соҳаи маориф ва махсусан муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои баланд бардоштани музди меҳнати омӯзгорону кормандон, бунёд ва таъмиру тармими биноҳои таълимию хобгоҳҳо, харидории таҷҳизоти техникию мултимедиавии замонавии таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ғамхории пайваста зоҳир менамоянд.

Ин таваҷҷуҳро таъкидҳои пайвастаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳсилот ва омода намудани мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир ба бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ мушоҳида менамоем. Эълон намудани «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ», таҳияи ва қабули як қатор Барорнома ва Стратегияҳои рушди зинаҳои гуногуни таҳсилот, таъсиси квотаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳсили шаҳрвандон дар дохил ва хориҷи кишвар аз таваҷҷуҳи рӯзафзун ба соҳаи маориф шаҳодат медиҳад.

Ташаббуси дигари беназири Президенти кишвар дар ин самт солҳои 2020–2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудан аст, ки ин иқдоми наҷиби сабаби рушди ин самти ниҳоят муҳимми кишвар гардид. Ибтикороти Пешвои миллат дар соҳаи маориф эълон намудани озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо мақсади дарёфти истеъдодҳои нодир дар самти филология, ҷиҳати омӯзиши ҳарҷӣ бештари илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ, ҷалб намудани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ба омӯзиши илмҳои мазкур ташкили озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» ва ташкили озмуни «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» аз таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати кишвар ба ин самти афзалиятноки кишвар мебошад.

Бояд гуфт, ки таъсиси стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марҳала ба марҳала зиёд намудани шумораи гирандагони ин стипендия аз ғамхориҳои навбатии Сарвари давлат шаҳодат медиҳад, ки ҳоло теъдоди гирандагони он танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба зиёда аз 100 нафар расидааст. Дар ин радиф, таъсиси стипендияҳо дар зинаи таҳсилоти магистратура ва докторантураи Ph.D ба рушди илми ватанӣ такони тозае бахшид.

Яке аз ташаббусҳои беназири Пешвои миллат таъсиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо таъсиси Шӯроҳои диссертатсионӣ дар назди ин Комиссияи Олӣ илми тоҷик ба дастовардҳои назаррасе ноил гардида, аксаран омӯзгорони макотиби таҳсилоти олӣ соҳибунвон шуданд.

Ҳамчунин, ҷиҳати дастрасӣ пайдо намудани шаҳрвандон ба таҳсил бо ибтикори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди муассисаҳои таълимӣ ва муҳассилини он ба маориф афзоиш ёфт. Агар дар оғози даврони истиқлоли давлатӣ теъдоди муассисаҳои таълимӣ 13 адад ва 69 ҳазор донишҷӯ бошад, имрӯз теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 47 адад ва муҳассилини он ба зиёда аз 260 ҳазор расидааст.




Дар ин давра таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун яке аз марказҳои бузурги таълимию илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рушду нумӯъи соҳаи илму маориф, баланд бардоштани маърифат, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос мақому манзалати хоса дорад, махсус равона карда шудааст. Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби Донишгоҳи худмухтор ва мустақил гардидани ин боғоҳи илму маърифат гардид.

Дар ибтидои Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишгоҳ дорои 13 факултет, 83 кафедра ва 25 ихтисос буд, ки аз рӯйи ихтисосҳои мазкур 13 629 нафар донишҷӯ ва дар кафедраҳои донишгоҳӣ 859 нафар омӯзгори доимӣ ба таълиму тарбия машғул буданд, ки аз онҳои 47 нафар доктори илм ва зиёда аз 300 нафар омӯзгорро номзади илм ташкил медод.

Дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзудани теъдоди ихтисосҳо, тахассусҳо, озмоишгоҳҳои илмӣ-таълимӣ, синфхонаҳои электронӣ, кабинетҳои методӣ ва кафедраҳо мусоидат намуд. Дар оғози соҳибистиқлолии кишвар дар донишгоҳ ҳамагӣ аз рӯйи 25 ихтисос дар 13 факултет мутахассисон омода карда мешуд. Вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва иқтисодиёти мамлакат имрӯз дар донишгоҳ аз рӯйи 126 ихтисос мутахассисони талаботи бозори меҳнат рақобатпазир омода карда мешавад.

Танҳо дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат дар Донишгоҳ зиёда аз 100 ихтисоси нав давра ба давра таъсис дода шуд.

Ҷиҳати муназзамсозии раванди тайёр кардани мутахассисони соҳаи технологияи информатсионӣ барои ҷумҳурӣ ва дар хориҷи кишвар омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи технологияи коммуникатсионӣ, мутахассисон дар соҳаи ташхиси тибб, технологияи химиявӣ ва ҳифзи муҳити зист раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо муассисаяҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ шартнома ба тасвиб расонида, қабули донишҷӯёнро аз рӯйи ихтисосҳои барои иқтисодиёти кишвар воқеан зарурӣ ба роҳ мондааст.

Дар Донишгоҳ 19 нафар донишҷӯ Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 нафар донишҷӯён Стипендияи Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 10 нафар донишҷӯёни аълохон Стипендияи ба номи Исмоили Сомонӣ ва ба як нафарӣ стипендияи ба номи Садриддин Айнӣ, ба номи Абулқосими Лоҳутӣ, ба номи Нурулло Ҳувайдуллоев, ба номи И.Қ.Нарзиқулов, ба номи И.Д. Давлатов ва ба номи М. Назаршоев дода мешавад. Пайваста 300 нафар донишҷӯёни камбизоат ва бепарастор ба стипендияи иҷтимоӣ таъмин карда мешаванд.

Донишгоҳ ба тарбияи кадрҳои илмӣ имрӯз диққати махсус дода, теъдоди Шӯроҳои дифоъро ба зиёда аз 20 адад расонидааст. Дастовардҳои илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ имрӯз дар ҷумҳурӣ ва берун аз он дар сатҳи баланд арзёбӣ ва эътироф гардида истодаанд, ки мисоли ин мувофиқи маълумоти сомонаи elibrary.ru омӯзгорони Донишгоҳ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда мақолаи худро аз чоп баровarда, олимони зиёди дунё аз корҳои онҳо иқтибос оварданд ва «индекси Ҳирш»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар микёси байналмилалӣ назаррас аст.

Имрӯз Донишгоҳ бо 380 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад. Дар ин радиф Донишгоҳи миллӣ аъзои фаъоли Донишгоҳи шабакавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Донишгоҳи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Авру-Осиё ва муассиси Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё, Академияи байналмилалии илмҳои Роҳи абрешим, Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Имрӯз устодону кормандони Донишгоҳ дар амалӣ намудани сиёсати давлату ҳукумати кишвар ширкати фаъол намуда, нақши боризи худро гузоштаистодаанд. Дар татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат нақши устодону кормандони Донишгоҳ ба таври барҷаста зоҳир мешавад. Имрӯз наметавон фаъолияти густурдаи ягон самти ҳоҷагӣ ва саноати кишварро бе ширкати кадрҳои ин муассисаи таълимию илмӣ тасаввур намуд.

# НАҚШИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР АМАЛИСОЗИИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР

**(Дар ҳошияи қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» A/79/L.94 аз 25 июли 2025)**

Зеҳни сунъӣ (ЗС) ҳамчун воситаи пурқудрат барои суръат бахшидан ба пешрафт дар 17 Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) хизмат мекунад, ки ба истифодаи муносиби захираҳо, таҳлили маълумот ва навоварӣ мусоидат мекунад.

Ҳадафҳои рушди устувор 17 ҳадафи ҷаҳонӣ мебошанд, ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ соли 2015 дар доираи Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 қабул шудаанд. Онҳо соҳаҳоро аз мубориза бо камбизоатӣ ва гуруснагӣ то амалҳои иқлимӣ ва шарикиро фаро мегиранд. Аммо пешрафт дар ҲРУ аз сабаби пандемияҳо, низоъҳо ва бӯҳронҳои иқлимӣ суст шудааст, ки зарурати ҷустуҷӯи воситаҳои инноватсиониро барои суръат бахшидан муҳим мегардонад.

Зеҳни сунъӣ, аз ҷумла омӯзиши мошинӣ, таҳлили маълумоти калон ва таҳлили пешгӯӣ, имкониятҳои назаррас барои ҳалли ин вазифаҳо пешниҳод мекунад. Тибқи гузориши Nature соли 2020, ки соли 2025 навсозӣ шудааст, зеҳни сунъӣ метавонад ба ноил шудан ба 134 аз 169 нишондиҳандаи ҳадаф мусоидат кунад, аммо инчунин ба 59-тои онҳо монеъ шавад.

Дар соли 2025, тавре ки дар гузориши UNSDG қайд шудааст, зеҳни сунъӣ аллакай истифодаи муносиби энергияро таъмин мекунад, ташхиси тиббиро беҳтар мекунад ва биоравнақиро назорат мекунад.

Дар замони муосир зеҳни сунъӣ ҳамчун воситаи калидӣ барои ҳалли масъалаҳои глобалӣ, аз ҷумла рушди устувор шинохта шудааст. Мувофиқи гузоришҳои СММ зеҳни сунъӣ метавонад дар самтҳои ҳифзи муҳити зист, тандурустӣ, маориф ва иқтисод нақши муҳим бозад. Дар Осиёи Марказӣ, ки минтақаи дорои захираҳои бой ва мушкилоти муштарак ба монанди тағйирёбии иқлим ва нобаробарии иқтисодӣ аст, истифодаи зеҳни сунъӣ имконоти навин фароҳам меоварад.

Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» A/79/L.94 аз 25 июли 2025, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардида, қабул шуд, аввалин ҳуҷҷати байналмилалӣ аст, ки ба татбиқи зеҳни сунъӣ дар сатҳи минтақавӣ диққат медиҳад. Ин ташаббус аз суханронии Пешвои миллат дар иҷлосияи 79-уми Маҷмаи Умумии СММ (24 сентябри 2024) сарчашма мегирад: “Технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор заминаи муносиб ба шумор мераванд. Тоҷикистон тавассути қабули стратегия ва дигар санадҳои консептуалӣ ҷиҳати марҳала ба марҳала гузаштан ба низоми рақамикунонӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад.”

Зеҳни сунъӣ ҳамчун соҳаи илмӣ аз солҳои 1950-ум инкишоф ёфтааст ва ҳоло дар самтҳои омӯзиши мошинӣ, шабакаҳои нейронӣ ва коркарди маълумотҳои калон истифода мешавад. Дар вобастагии рушди устувор, зеҳни сунъӣ ба ҳадафҳои СММ мусоидат мекунад, масалан, ҳадафи 9 (навоварӣ ва инфрасохтор) ва ҳадафи 13 (ҳифзи иқлим). Дар Осиёи Марказӣ мушкилоти минтақавӣ ба монанди идоракунии захираҳои обӣ, ки Тоҷикистон дар он пешсаф аст, метавонанд бо кӯмаки зеҳни сунъӣ ҳал шаванд. Масалан, моделҳои ЗС барои пешгӯии офатҳои табиӣ ва истифодаи муносиби кишоварзӣ истифода мешаванд.

Қатъномаи A/79/L.94 ба соҳаи ғайриҳарбӣ тамаркуз карда, истифодаи зеҳни сунъиро барои ҳадафҳои ҳарбӣ истисно мекунад. Он таъсири трансформатсионии зеҳни сунъиро дар Осиёи Марказӣ эътироф намуда, талошҳои кишварҳои минтақаро, аз ҷумла амали стратегияҳои миллӣ (Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Стратегияи Ӯзбекистон то соли 2040, Консепсияи Қазоқистон барои солҳои 2024-2029) ва таъсиси марказҳои инноватсионӣ (ба монанди Asian Hub ва Парки технологияҳои баланд дар Қирғизистон) тақвият мебахшад.



ҲРУ 17 ҳадафи бо ҳам алоқамандро дар бар мегиранд: аз бархам додани камбизоатӣ (ҲРУ 1) ва гуруснагӣ (ҲРУ 2) то таълими босифат (ҲРУ 4), баробарии гендерӣ (ҲРУ 5), энергияи тоза (ҲРУ 7), шаҳрҳои устувор (ҲРУ 11) ва амалҳои иқлимӣ (ҲРУ 13). Онҳо ба се сутуни устуворӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ – нигаронида шудаанд.

Консепсияи рушди устувор дар натиҷаи муттаҳид кардани се нуқтаи назари асосӣ: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ пайдо шудааст. Он ҷораҳои истифодаи муносиби захираҳои маҳдуд ва истифодаи технологияҳои экологӣ – табиӣ, энергия- ва материалсарфа, ҳифзи устувории системаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, таъмини якпорчагии системаҳои биологӣ ва физикии табииро дар назар дорад.

Тибқи маълумоти Гузориши ҷаҳонии рушди устувор соли 2025, пешрафт дар ҲРУ камтар аз 50% аст ва бо ақибмонӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ оварда расонидааст. Зеҳни сунъӣ метавонад дар мониторинг ва амалисозӣ тавассути таҳлили маълумот барои пешгӯии тамоюлҳо ва истифодаи муносиби захираҳо ҳамроҳ шавад.

Дар соҳаи мубориза бо камбизоатӣ ва гуруснагӣ (ҲРУ 1 ва 2) зеҳни сунъӣ маълумоти моҳвораиро таҳлил мекунад, то минтақаҳои осебпазирро муайян кунад ва тақсимоти кӯмакро муносиб гардонад. Масалан, дар Африқо зеҳни сунъӣ ҳушксолиро пешгӯӣ мекунад, ки ба деҳқонон дар баланд бардоштани ҳосилнокӣ ба андозаи 20–30% кӯмак мекунад. Дар соҳаи тандурустӣ (ҲРУ 3) зеҳни сунъӣ ташхисро беҳтар мекунад, ба мисли моделҳо барои муайян кардани саратони пӯст, ки маргро дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ коҳиш медиҳад. Таълим (ҲРУ 4) аз платформаҳои фардӣ, ба монанди омӯзиши мутобиқшаванда, ки дар минтақаҳои дурдаст дастрас аст, баҳра мегирад. Баробарии гендерӣ (ҲРУ 5) тавассути таҳлили маълумот дар бораи табъиз дар ҷалби кор дастгирӣ мешавад. Энергияи тоза (ҲРУ 7) ва рушди иқтисодӣ (ҲРУ тавассути зеҳни сунъӣ тавассути истифодаи муносиби шабакаҳо ва нигоҳдории пешгӯӣ тақвият меёбанд, ки талафоти энергияро ба андозаи 15% коҳиш медиҳад. Дар навоварӣ ва инфрасохтор (ҲРУ 9) зеҳни сунъӣ таҳияро суръат мебахшад, ба монанди дар шаҳрҳои интеллектуалӣ барои коҳиши трафик.



**САНГИНЗОДА Дониёр**
**профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Коҳиши нобаробарӣ (ҲРУ 10) тавассути зеҳни сунъӣ дар хизматрасонии молиявӣ ба даст меояд, ки қарзҳоро ба гурӯҳҳои маргинализатсияшуда пешниҳод мекунад. Шаҳрҳои устувор (ҲРУ 11) ва истеъмол (ҲРУ 12) тавассути зеҳни сунъӣ барои идоракунии партовҳо ва самаранокии энергетикӣ муносиб гардонида мешаванд. Амалҳои иқлимӣ (ҲРУ 13) тавассути моделҳои пешгӯӣ, ки биоравнақиро назорат мекунанд, дастгирӣ мешаванд. Ҳифзи укёнусҳо ва замин (ҲРУ 14 ва 15) аз зеҳни сунъӣ дар муайян кардани шикори ғайриқонунӣ тавассути дронҳо баҳра мегирад. Сулҳ ва шарикӣ (ҲРУ 16 ва 17) тавассути зеҳни сунъӣ дар таҳлили низоъҳо ва ҳамкории ҷаҳонӣ тақвият меёбанд.

Сарфи назар аз манфиатҳо зеҳни сунъӣ хатарҳо дорад: ғаразнокии маълумот нобаробариро афзоиш медиҳад, ва истеъмоли энергияи моделҳо изофаи карбонро зиёд мекунад. Дар соли 2025 гузоришҳо зарурати зеҳни сунъии ахлоқиро, аз ҷумла шаффофият ва фарогириро таъкид мекунанд.

Тибқи гузориши Бонки Ҷаҳонӣ соли 2016 барои мубориза бо камбизоатӣ ва ноил шудан ба дигар ҳадафҳои рушди устувор ҳар сол тақрибан 2-3 триллион доллари ИМА дар тӯли 15 соли оянда лозим аст. Инро онҳо «хаёли тоза» номиданд. Фонди Рокфеллер изҳор мекунад, ки калиди маблағгузорӣ ба ноил шудан ба ҲРУ мобилизатсияи ҳиссаи калонтари зиёда аз 200 триллион доллари ИМА дар ҷараёнҳои солонаи сармоягузории сармояи хусусӣ барои ҳадафҳои рушд аст. Зеҳни сунъӣ нақши муҳим дар амалисозии ҲРУ бозад, ки пешрафтро тавассути навоварӣ ва таҳлил суръат мебахшад. Аммо барои ба даст овардани манфиати ҳадди аксар, чаҳорчӯбаи ахлоқӣ ва ҳамкории ҷаҳонӣ заруранд. Дар соли 2025, бо дарназардошти ақибмонии ҲРУ зеҳни сунъӣ метавонад воситаи ҳаракатдиҳанда ва ноилшавандаиояндаи устувор гардад.

# ВИЖАГИҲОИ НАМОЯНДАГӢ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ ПАРЛАМЕНТ



**ҶАМШЕДЗОДА Комрон**
Мушовири калони муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

*Мақоми қонунгузор дар асоси салоҳияти конститутсионии худ бештар ба халқ иртибот дошта, таввасути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иродаи халқро ифода карда, ба он шакли олии ҳуқуқӣ медиҳад. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он ифода меёбад, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ҳарчанд қонунҳо аз номи давлат ба тасвиб мерасанд, вале дар онҳо, пеш аз ҳама, манфиати халқ ифода меёбад. Бо ин мақсад, давлати демократӣ сиёсати худро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт бояд ба манфиату иродаи халқ мувофиқ гардонад.*

Зеро, мақомоти қонунгузоре, ки бо тартиби интихоботи озодона ташкил ёфтааст, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро, пеш аз ҳама, аз рӯйи ба инобат гирифтани манфиати халқ муайян мекунад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ арзиши олии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ эътироф гардидааст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақоми қонунгузор ин меъёр бо тамоми назокати ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад. Анҷом додани тадбирҳои зикргардида арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин намуда, ба эҳтиром ва риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат менамояд.

Парламент ҳамчун мақоми намояндагӣ ва қонунгузорӣ бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ ба рушди низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ва таҳкими қонуният саҳми беназир гузоштааст. Инчунин, Парламент дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мавқеи хос дошта, ин мавқеъ аз баёнгари иродаю манфиати халқ доштани он шаҳодат медиҳад.

Дар хусуси хосияти «Олӣ» доштани Парламент дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар моддаи 48 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он «Маҷлиси Олӣ—парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад». Чунин номгузорӣ шудани ин мақом моҳият ва вижагиҳои онро инъикос менамояд. «Маҷлис» аз як тараф, ҷамъи вакилони онро ифода карда, аз тарафи дигар, тарзи фаъолияти онро, ки дар шакли иҷлосияҳо мегузаранд, дар назар дорад. «Олӣ» будани маҷлис онро ифода менамояд, ки ин мақом дар давлат мақоми олии намояндагӣ мебошад. Инчунин «Маҷлиси Олӣ» ҳамчун «Парламенти» Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст. Чунин эътирофнамоӣ аз он дарак медиҳад, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, чун қоида, мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор дар умум бо номи Парламент ёд мешаванд. Ин истилоҳ эътирофи умумӣ дошта, ба таърихӣ пайдоиши парламентаризм мансуб мебошад.

Дар асоси тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, Маҷлиси Олӣ ҳамчун Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду маҷлис, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат мебошад. Дар Парламенти кишвар аъзои Маҷлиси миллӣ аз ҷониби мақоми намояндагии маҳаллӣ ва як теъдоди онҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда мешаванд. Вакилони Маҷлиси намояндагон бошад, бо роҳи интихоботи умумӣ, интихоб мегарданд. Ҳамкории ин маҷлисҳо дар асоси Конститутсия, санадҳои конунгузорӣ ва санадҳои зерқонунии онҳо сурат мегирад.

Дар ин радиф, Маҷлиси Олӣ аз рӯйи чунин вижагиҳо нисбат ба дигар зинаҳои мақомоти намояндагӣ дар зинаи баланд қарор дорад. Бо ин мақсад, иҷрои қарорҳое, ки Парламент дар доираи ваколати худ қабул менамояд, ба тамоми мақомоти давлатӣ ҳатмист.

Салоҳияти конститутсионии Парламентро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя;

б) салоҳияти Маҷлиси миллӣ;

в) салоҳияти Маҷлиси намояндагон.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаҳои якҷояи худ аз рӯйи масъалаҳои ба салоҳияташон дохилшуда қарор қабул мекунанд. Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз маҷлисҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муқаррар накарда бошад. Инчунин, дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад ва бо паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

Дар баъзе сарчашмаҳо дар хусуси салоҳияти Парламент гуфта мешавад, ки фақат он масъалаҳое, ки аз тарафи ҳарду палата дар ҷаласаи якҷояи онҳо ҳаллу фасл мегарданд, салоҳияти Парламентро ташкил медиҳанд. Гӯё салоҳияти палатаҳо фақат хоси онҳо буда, ба он Парламент алоқаманд намебошад. Дар асл ҳам салоҳияти якҷояи палатаҳо ва ҳам салоҳияти ҳар як палата дар алоҳидагӣ салоҳияти Парламентро ташкил медиҳанд.

Маҷлиси миллиро палатаи намояндагии Парламент гуфтан ба мақсад мувофиқ мебошад, тавре ки Конститутсия ва қонунҳо муқаррар кардаанд, аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ дар асоси намояндагии маҳаллӣ, яъне Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ интихоб мешаванд. Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ, ки аз тарафи Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ интихоб шудааст, чун қоида ҳам вакили Маҷлисҳои маҳалли марбута ва ҳам аъзои Маҷлиси миллӣ мебошанд.



Маҷлиси намояндагон мутобиқи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои дар салоҳияташ буда, қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муайян накарда бошад. Инчунин, дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон роҳбарони давлатҳои хориҷӣ метавонанд суханронӣ кунанд.

Доираи салоҳияти Маҷлиси намояндагон нисбатан фарох буда, самтҳои гуногуни сохтори давлатию ҷамъиятӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро дар бар мегирад. Маҳз Маҷлиси намояндагон бо мазмуни том сохтори қонунгузорӣ мебошад, чунки ҳамаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аввал аз тарафи он ҳаллу фасл гардида, чун қонун қабул мегардад.

Дар хусуси мавзӯи бо қонун танзимшуда, яъне оид ба кадом самтҳои ҳаёту фаъолияти давлат, ҷамъият, инсон ва шаҳрванд қабул кардани қонунҳои ҷумҳурӣ дар Конститутсия бевосита сухане гуфта нашудааст. Ин ҳолат ба Маҷлиси намояндагон имкон медиҳад, ки оид ба ҳар як масъалае, ки барои сохтори давлатӣ, сохтори ҷамъиятӣ ва вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аҳаммияти хосса доранд, қонун қабул намояд. Муайян кардани мавзӯи қабули қонунҳо ба аҳаммияти онҳо, ба таҷрибаи сохтори давлатӣ, ба одату анъанаи идораи давлат ва ба ташаббуси субъектҳои чараёни қонунгузорӣ вобаста аст. Яъне Конститутсия бо ин роҳ ба қонунгузор имкони ба таври эҷодӣ ба ҷараёни қонунбарорӣ муносибат карданро медиҳад. Зеро, аз ҳали ин масъалаҳо сатҳи зиндагии аҳолӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва умуман рушди минбаъдаи ҷомеа вобастагӣ дорад. Қонунҳо, ҳамчунин бояд бо назардошти стратегияву барномаҳо ва ҳадафҳои ояндаи рушди давлати миллӣ, пайвандии ногусастании он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҳкими заминаҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия карда шаванд. Аз ин рӯ, Парламент танҳо дастгоҳи ба таври механикӣ ҳаллу фасл намудани қонунҳо набуда, балки чун маркази омӯзиш ва таҳқиқи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Худи он муайян мекунад, ки дар марҳилаи ҳозираи ҳаёти ҷумҳурӣ қабули кадом қонунҳоро дар мадди аввал гузорад. Ногуфта намонад, ки субъектҳои ташаббуси қонунгузор аз таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳо оид ба муайян кардани мавзӯи қонунгузорӣ низ истифода мекунанд.

Бо ин мақсад, Парламент ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, қонунҳо (қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо) ва қарорҳои дар доираи салоҳияти худ қабулкардаи он (палатаҳои он) дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ доранд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ- РОҲ БА СӮИ ПЕШРАФТ

*Тоҷикистон давоми 34 соли Истиқлолият дар асоси сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташабусҳои ҷаҳонии ин шахсияти тавоно имрӯз ҷойгоҳи шоистае дар арсаи байналмилалӣ барои худ касб намуда, акнун ҳеҷ гуна тасмимгирии дастаҷамъиро дар минтақа бе ҳузури фаъоли Тоҷикистон наметавон тасаввур кард. Имрӯз аз баракати истиқлол миллатеро бо номи тоҷик ва кишвареро бо номи Тоҷикистон кулли мардуми сайёра мешиносад ва дар арсаи ҷаҳонӣ мақоми хосаеро дорост.*




Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро эълон кард ва бо ин саҳифаи наве дар ҳаёти мардуми мо кушода шуд. Тоҷикистон соҳиби Истиқлолият гардид. Истиқлолияте, ки орзӯи ҳамешагии ҳар миллати озода аст ва бе доштани он ҳама гуна дастоварди иқтисодиву иҷтимоӣ комил нахоҳад буд.

Даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки бисту нуҳ сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардидем.

Воқеан ҳам Тоҷикистон тавонист дар даврони соҳибистиқлолии худ бо роҳбари арзандаву сулҳпарвараш баҳри рушди кишвар чораҳои зарурӣро андешад. Дар даврони истиқлолият Тоҷикистон аъзои чандин созмонҳои байналмилалӣ гардид. Равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаро қариб бо тамоми кишварҳои дунё ба роҳ монда, баҳри боз ҳам рушд намудани сиёсати хориҷӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва дигар соҳаҳои мухталиф кишвар корҳои арзандае ба сомон расонида истодааст.

Акнун замони он расида аст, ки мардум бо диди тоза ба оянда нигаранд, дидаи умед ба фардои беҳтар, фардое, ки сарнавишти худро бо дастони худ бисозанд ва вобастаи касе набошанд. Ин душманони аёну ноаён дар тули таърих ба ин сарзамин ва ба ин миллате, ки аз азал соҳиби воқеии ин марзу бум аст, нигоҳи бадхоҳона доштанд. Онҳо намехостанд, ки миллате ки номардиҳои таърихро таҳаммул карда ва бо орзуву умеди чандин ҳазорсолаи худ, ки тавонист давлати нав бунёд кунад дар ҷой қарор нишинанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем.Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад. Ин аст, ки имрӯзҳо маориф дар madди аввали назари давлату ҳукумат меистад ва баҳри ин тамоми тадбирҳои лозима чораҷуӣ карда мешаванд.



ИСМОНҚУЛЗОДА Сафаргул
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурорӣ

Боз як неъмати бебаҳои истиқлолият вазифаи асосии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар шароити ҳозира дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (24.04.2004) чунин қайд карда шудааст: “... мақсади асосии сиёсати иқтисодии давлати Тоҷикистон ба роҳ мондани рушди устувори иқтисодӣ буда, ҳамаи нақшаҳои мо асосан дар доираи чор ҳадафи стратегӣ, яъне таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии кишвар тарҳрезӣ гардида, тадриҷан амалӣ шуда истодааст. Ҳадафҳои зикршуда, инчунин, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мебошанд”. Пешвои миллат дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар (26 декабри соли 2018) ҳадафи чоруми – саноатикунони босуръатии кишварро пешниҳод намуданд. Барои таъмини намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар (21 декабри соли 2021), солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ “Солҳои рушди саноат” эълон карда шуд.

Мову шуморо зарур аст, то замони омодагӣ ба ҷашни Истиқлол, муҳимияту мубрамият ва асолати ин рӯзро дар таърихи миллатамон ба ёд орем. Зеро ин санаи таърихӣ як фурсату имкониятест, ки мухтору мустақил будани худро қадр намуда, мероси ғании фарҳангу тамаддуни худро хубтару бештар эҳё карда, ба нақши қаҳрамонони Ватану диёри худро эҳтиром гузошта, ба сӯи ояндаи неку дурахшон муштаракона кору фаъолият кунем. Бигзорем то рӯҳи озодиву истиқлолу ваҳдати миллӣ ва саҳми роҳбарону сокинони бо нангу номуси миллат минбаъд низ ҳамаи мову шуморо дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ роҳнамоӣ намуда, дар ободиву оромии Ватану миллату диёри худ илҳоми хубтару олитар бахшад. Тоҷикистон талош кард то бо бунёди мактаби сулҳу созандагӣ дар даврони 34 соли Истиқлол ба Озодӣ, Оромӣ ва Ободӣ дастрас шавад ва бо ташшаббусҳои созандаи худ дар минтақа ва ҷаҳон ҷойгоҳи хешро пайдо намуда, мавриди эътирофу эҳтиром қарор гирифта, дар ин ё он масоили байналмилалӣ нақши калидӣ бозад.

Имрӯз мо тоҷикон бояд аз ин истиқлолу истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ шукрона карда аз дастовардҳову сарватҳои маънавию моддии Ватан оқилона истифода намуда, хешташиносиро пойдор ва таҳким бахшем, то дубора ба чоҳи зулмату ваҳшату даҳшат наяфтем. Ба қавли Президенти кишвар ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «мардуми шарифу ватандӯст ва сулҳхоҳу сулҳпарвари Тоҷикистон бо шукронаи истиқлолияту озодӣ ба қадри сулҳу оромӣ ва суботу амнияти сарзамини аҷдодӣ расида, ҳаргиз нагузоранд, ки ин кохи пурҷалоли миллат, яъне Истиқлолу Ваҳдати миллӣ газанд ёбад».

Ҳамин тавр 34 соли истиқлолияти давлатиамонро каме ҳам бошад пеши назар оварда гуфтан мумкин аст, ки акнун кишвари азизи мо ба марҳилаи нави рушд дохил гардид ва мо ҷавонони даврони истиқлол ба сӯйи ояндаи ободу осуда бо қадамҳои устувор пеш меравем. Дар ин давра мо ба шарофати заҳматҳои софдилонаи Пешвои миллат Президенти мӯҳтарам Эмомали Раҳмон, ки поягузори истиқлолияти давлатӣ мебошанд аз ҳавои софи истиқлол нафас мегирем ва ба гирифтани илму маърифат, зиндагии осуда ноил гардидем. Мо ҷавонони даврони истиқлол бояд имрӯз бо сари баланд гуфта тавонем, ки тамоми сайъу кушиши худро танҳо ба хотири ободу зебо гардонидани ватани азизамон ва пойдор намудани истиқлолияти давлатӣ анҷом медиҳем.

Ин давраи таърихӣ ба мо сабақ дод, ки озодию истиқлолият бароямон бузургтарин дастовард ва ғояи муқаддасӣ миллӣ буда, бояд минбаъд низ тамоми талоши худро барои ҳимоя ва пойдору устувор мондани он равона созем ва ин неъмати бузурги миллатамонро чун гавҳараки чашм ҳифзу эҳтиёт намоем.



# ИСТИҚЛОЛИЯТ РАМЗИ ОЛИИ ВАТАНУ ВАТАНДОРӢ

**Имрӯз мо миллати тоҷик дар арафаи 34-умин солгарди истиқлолияти давлатии хеш қарор дорем. Истиқлолият ин падидаи давлатдорие мебошад, ки дар фазои он миллат озодона умр ба сар бурда, бо истифода аз ҳуқуқҳои худ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ҳуқуқи ширкат варзиданро дорад. Зиндагиро дар ҳар давлат бидуни истиқлолият тасаввур кардан имконнопазир аст. Зиндагӣ ин худ озодии инсону истиқлоли уст.**

Ҳамин тавр озодӣ ва истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишони барҷастаи симо ва шахсияти таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳувияти миллӣ ва шарти бақои таърихии миллат ва давлат мебошад.

Истиқлолият барои мо имконни воқеи фароҳам овард, ки роҳи имрузу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки сиву чор сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеи ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем. Ҳодисаву воқеаҳои пурошӯби ибтидои солҳои навадум водор намуд, ки оид ба масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ, нигоҳ доштани оромии авзои ҷомеа, пойдории сулҳу субот ва таҳкими истиқлолияту ҳифзи дастовардҳои он андеша кунем, ки ин ҳама як қисми таркибии сиёсати давлатии мо маҳсуб мешуд. Пас аз як соли эълони Истиқлолият, аниқтараш моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби ноҳияи Б.Ғафуров Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи сиёсат шахсиятеро баровард, ки дастовардҳои минбаъдаи кишвар ба номи ӯ иртиботи ҳамаҷониба доранд. Аз рӯзи сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди барӯманди халқ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои тозаи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – Артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадиро таъсис дода, ҳифзи марзу буми Ватан ва сарҳади давлати худро таҳти назорати доимӣ гирифтем. Чунонки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо дар даврони истиқлолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки моҳиятан шакли ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро дорад».

Миллати азиятдидаи тоҷик барои таҳкими Истиқлолият, нигаҳдошти якпорчагии марзу бум, расидан ба сулҳу ваҳдат ва ягонагӣ, интихоби роҳи рости рушду тараққиёт Конститутсияи мамлакат орзую ормонашро қабул кард.

Агар гӯем, ки аз ҳамон соли қабули Конститутсия, яъне соли 1994 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави инкишоф фаро расид, хато нахоҳем кард.

Зеро барои расидан ба сулҳи кулл ва Ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама пояи қонунии фаъолияти Ҳокимият зарур буд ва инро метавонист танҳо Конститутсияи ҳаматарафа такмилёфта ва мутобиқ ба талаби замон таъмин намояд. Баробари ин якдилона пазируфтани Конститутсия аз ҷониби тамоми халқ нишони эътирофи Ҳукумати қонуниро дошт, ки акнун ду сол мешуд, бо сарварии фарзанди вафодори миллат Эмомалӣ Раҳмон барои аз варта берун овардани мамлакати дар ҷанги шаҳрвандӣ харобгардида фаъолияти шабонарӯзӣ мебурд. Кафолати зиндагии осуда ва хурраму озодро барои халқ ин ҳуҷҷати муҳим таъмин менамояд. Асоси чунин зиндагӣ бошад, меҳнати софдилонаю бунёдкорона аст. Пас кафолати меҳнати озодона, донишу ҳунаромӯзӣ, истироҳат ва табобат, саҳм гирифтан дар пешрафти мамлакат барои ҳар шаҳрванд низ аз ҷониби давлат тавассути Конститутсия муайян гардидааст. Кафили Конститутсия бошад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити кунунӣ, ки ҷаҳони муосир дорад, таҳкими Истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии инсон барои на танҳо мардуми мо, балки тамоми инсоният мазмуни ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Зеро даҳсолаҳои охир пешрафти босуръати илму техника ва раванди қувват гирифтаистодаи ҷаҳонишавӣ инсониятро ба муҳити комилан нав ворид намуда, боиси ташаккул ёфтани низоми фарогири равобити сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотиву маънавӣ гардидааст.

Ҳамин тавр дар анҷоми сухан ҳаминро мехоҳам таъкид намоям, ки дар баробари соҳиб гардидани Истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ вазифаи ҳар яки мо васеъ гардида, ба мо муяссар шуд, ки кишвари азизамон ба ҷомеаи демокративу дунявӣ қадамҳои устувор гузорад. Ҳоло, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари озод эътироф шудааст, мо шаҳрвандони он бояд мисли ангуштони як даст, фарзандони як модар амал намуда, дар бунёди Тоҷикистони навин саҳм бигузорему бо исми миллати худ ифтихор намоем. Истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик хушбахтист. Танҳо бо роҳи ваҳдат ва меҳнати ҳалол метавонем истиқлолияти худро ҳифз намоем ва ватани азизамонро ободу зебо гардонем. Ин ҳадафҳо танҳо ба воситаи илму дониш, ақлу заковат ва меҳнатдӯстӣ муяссар мегардад.

Аз ин рӯ, ҳар яки моро зарур аст, ки ба қадри ин падидаи нодири таърихӣ расем зеро истиқлолият барои ҳар фарди соҳибдилу озодаи кишвар саломатӣ, бахту саодат, зиндагии осуда ва комёбию кушоишҳо оварад! Поянда бод истиқлолияти давлатии тоҷикон!



**ШАРИФЗОДА Диёр**
**Прокурори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, мониторинги қонунгузорӣ ва маркази матбуоти Прокуратураи генералӣ, мушовири адлияи дараҷаи 1**

# НЕЗАВИСИМОСТЬ ТАДЖИКИСТАНА: ПУТЬ ЧЕРЕЗ ТЕРНИИ К СУВЕРЕНИТЕТУ И СТАБИЛЬНОСТИ



Рухшона ХОДЖАЕВА
старший преподаватель кафедры предпринимательского и коммерческого права

9 сентября 1991 года — дата, навсегда вписанная в историю таджикского народа золотыми буквами. В этот день Верховный Совет республики принял Постановление и Заявление «О государственной независимости Республики Таджикистан», ознаменовав рождение нового независимого государства на политической карте мира. Этот шаг стал не просто формальностью, а началом сложного, трагического, но в конечном итоге судьбоносного пути к самоопределению.

На пути к суверенитету Таджикистан, являясь одной из древнейших стран Центральной Азии с богатейшей культурой и историей, долгое время находился в составе различных империй. В XX веке его судьба была неразрывно связана с Советским Союзом. В 1929 году она была преобразована в отдельную союзную республику—Таджикскую ССР.

Несмотря на экономическое и культурное развитие в советский период, республика оставалась одной из самых бедных в СССР. К концу 1980-х годов волны перестройки и гласности докатились и до Таджикистана, вызвав рост национального самосознания и появление различных общественно-политических движений. Распад СССР стал тем катализатором, который заставил сделать судьбоносный выбор.

1991 год: рождение независимости. 9 сентября на внеочередной сессии Верховного Совета Таджикской ССР было провозглашено государственная независимость. Это решение было принято в условиях острой политической борьбы.

Вскоре, 25 декабря 1991 года, было утверждено официальное название государства — Республика Таджикистан. Началось формирование собственных государственных институтов, армии, правовой системы и дипломатической службы.

К сожалению, обретение независимости не принесло немедленного мира и процветания. Молодое государство почти сразу погрузилось в пучину кровопролитной гражданской войны, унесшая жизни десятков тысяч людей и превратившая в беженцев сотни тысяч. Стала самым мрачным периодом в истории независимого Таджикистана. Она нанесла колоссальный ущерб обществу.

Ключевым моментом стало подписание 27 июня 1997 года в Москве Общего соглашения об установлении мира и национального согласия. Этот документ, достигнутый благодаря длительным переговорам при посредничестве России, ООН и других стран, положил конец братоубийственной войне. Мирный процесс в Таджикистане стал уникальным примером урегулирования внутреннего конфликта через диалог и компромисс.

С момента окончания гражданской войны Таджикистан прошел впечатляющий путь восстановления и развития:

1. Политическая стабильность: В стране была создана сильная президентская власть, которая смогла обеспечить порядок и единство.

2. Экономический рост: Были запущены масштабные инфраструктурные проекты, такие как строительство Рогунской ГЭС и Сангтудинской ГЭС-1, призванные решить критически важную проблему энергетической независимости.

3. Внешняя политика: Таджикистан проводит многовекторную внешнюю политику, активно сотрудничая с Россией, Китаем, странами Центральной Азии, США и Европейским союзом. Республика является активным членом ОДКБ, ШОС, СНГ и других международных организаций.




4. Национальная идентичность: Независимость позволила возродить и укрепить национальную культуру, язык, традиции и историческую память. Были восстановлены древние праздники, такие как Навруз, и возрожден интерес к наследию персидско-таджикской цивилизации.

Путь Таджикистана к независимости был одним из самых трудных среди постсоветских республик. За формальным актом провозглашения суверенитета последовали годы боли, потерь и разрушений. Однако благодаря общенациональному стремлению к миру и политической воле таджикскому народу удалось остановить войну и начать строительство своего государства.

Сегодня Республика Таджикистан — это суверенное, признанное на международной арене государство, которое, преодолев тяжелейшие испытания, с уверенностью смотрит в будущее, стремясь укрепить свой экономический и культурный суверенитет в сердце Центральной Азии.

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ – НЕЪМАТИ БЕБАҲО ВА ДАСТОВАРДИ БЕНАЗИР



Баракатулло БОБОЕВ
донишҷӯйи соли 2

**Истиқлолият бузургтарин дастоварди миллатест, ки дар тӯли таърих барои озодӣ ва соҳибдавлатии худ мубориза бурдааст. Барои миллати тоҷик низ Истиқлолият рамзи эҳёи давлатдорӣ, худшиносии миллӣ ва поягузории ҷомеаи ҳуқуқбунёд мебошад. Агар аз дидгоҳи ҳуқуқӣ ба ин мафҳум назар афканем, истиқлолият на танҳо рамзи сиёсӣ, балки асоси ҳуқуқӣ ва қонунии давлат аст, ки тамоми низоми қонунгузорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва рушди ҷомеаро таъмин менамояд.**

Маънии ҳуқуқии Истиқлолият аз назари илмҳои ҳуқуқ ба мафҳуми соҳибихтиёрӣ ва соҳибдавлатӣ баробар аст. Давлате, ки истиқлол дорад, дар дохили қаламрави худ сиёсати мустақилро пеш мебарад, қонунҳои миллиро қабул мекунад ва дар арсаи байналмилалӣ бо ҳурмату эътибор фаъолият мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин воқеиятро Конститутсия, яъне қонуни асосӣ кафолат медиҳад. Конститутсия дар моддаи якум эълон намудааст, ки Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад. Ин меъёр маънои онро дорад, ки истиқлолият на танҳо воқеияти таърихӣ, балки меъёри ҳуқуқӣ ва қонунии давлат аст.

Ҳуқуқшиносон хуб дарк мекунанд, ки истиқлолият бо мафҳуми ҳуқуқу озодиҳои инсон робитаи ногусастанӣ дорад. Зеро танҳо давлати соҳибистиқлол метавонад ҳуқуқи шаҳрвандони худро бе дахолати қувваҳои хориҷӣ ҳифз намояд. Аз ҳамин ҷост, ки истиқлолиятро метавон кафолати асосии адолат ва озодии воқеӣ донист.

Низоми давлатдорӣ бе Истиқлолият маъно надорад. Ҳар як қонуни қабулшуда, ҳар як низоми идорӣ ва ҳар як муассисаи давлатӣ танҳо вақте арзиш пайдо мекунад, ки он дар фазои истиқлол амал намояд. Истиқлолият имкон фароҳам меорад, ки давлат сиёсати ҳуқуқии худро мувофиқ ба ниёзҳои ҷомеа таҳия ва татбиқ намояд.

Ба шарофати истиқлол, Тоҷикистон тавонист низоми миллии ҳуқуқи худро шакл диҳад, мақомоти судӣ ва дигар шохаҳои ҳокимиятро таҳким бахшад, қувваҳои мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро созмон диҳад ва ҳамчун узви баробарҳуқуқ дар созмонҳои байналмилалӣ шомил гардад. Ҳамаи ин далолат бар он мекунанд, ки Истиқлолият пояи асосии давлатдорӣ ва кафолати пойдории он мебошад.

Истиқлол танҳо як рамзи сиёсӣ нест, балки як мактаби ҳакимӣ ва ахлоқӣ низ мебошад. Ин мафҳум аз ҳар як шаҳрванди кишвар масъулият мехоҳад. Вақте мо мегӯем «давлати соҳибистиқлол», ин маънои онро дорад, ки ҳар як шахс бояд бо риояи қонун, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои шаҳрвандӣ истиқлолиятро рушд диҳад.

Фалсафаи ҳақиқии истиқлолият дар он аст, ки миллат худ метавонад роҳи рушди давлатро интихоб кунад, арзишҳои таърихиву фарҳангии худро ҳифз намояд ва дар ҷаҳони муосир бо иззат ва эҳтиром зиндагӣ кунад. Бидуни истиқлол, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои ҳуқуқии давлат низ зери хатар меафтанд.

Имрӯз насли ҷавон ва хусусан донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқшиносӣ бояд хуб дарк кунанд, ки истиқлолият на танҳо дастоварди гузаштагон, балки масъулияти наслҳои оянда низ мебошад. Ҳуқуқшиносон ҳимоятгарони қонун, адолат ва ҷомеаи ҳуқуқбунёд нақши калидӣ доранд. Агар қонун риоя нашавад, истиқлол ҳам зери хатар мемонад.

Аз ҳамин ҷост, ки тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, эҳтироми қонун ва худ огоҳии ҳуқуқӣ дар миёни ҷавонон вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа мебошад. Танҳо ҷавонони доно, огоҳ ва ватандӯст метавонанд истиқлолро мустаҳкам гардонанд ва онро ба наслҳои оянда мерос гузоранд.

Истиқлолият барои миллати тоҷик танҳо як санаи таърихӣ нест, балки қиматтарин ганҷинаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва маънавӣ аст. Агар мо имрӯз бо ифтихор мегӯем, ки Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол аст, ин маънои онро дорад, ки мо масъулияти бузургеро ба ӯҳда дорем: ҳифзи қонун, эҳёи фарҳанг, тақвияти ваҳдат ва рушди давлатдорӣ.

Аз ин рӯ метавон гуфт, ки Истиқлолият сарчашмаи қонун ва пояи давлат аст. Ӯ моро ба эҳтироми арзишҳои миллӣ, ба риояи қонун ва ба ватанпарварӣ даъват мекунад. Аз ин рӯ, ҳифз ва таҳкими истиқлол вазифаи умумимиллӣ буда, ҳар як шаҳрванд ва махсусан ҳуқуқшиносон бояд онро ҳамчун муқаддастарин арзиш дар қалб ва амал татбиқ намоянд.

# РӮЗИ ДОНИШ - РӮЗИ КУШОДАШАВИИ ДАРҲО БА АМАЛИШАВИИ ОРЗУҲО

*Дониш калиди ганҷи хирад, мояи заковат, ҳастии маънавият ва роҳи ягонаи расидан ба муроди ҳастист. Бузургтарин дастоварди башарият дар тӯли таърих кашфи китоб аст, ки тавассути он илму дониш аз як насл ба насли дигар мегузарад. Маърифати инсоният дар беҳтар гардидани шароити зист, баланд бардоштани обрӯву манзалат, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва аз ҳар ҷиҳат таъмини шаффофият дар тамоми соҳаҳост, ки амалишавии ин маърифат бе доштани дониши мукаммал ғайри имкон аст.*

Донишро бузургону гузаштагони роҳи озодфикрӣ бо нӯги сӯзан ҷамъоварӣ карда барои нигоҳдошти он саравввал онро ба сангу барг ва баъдан ба аврок наққошӣ кардаанд, ки пайдо кардани ин роҳи нигоҳдошти дониш низ аз доштани худи дониш аст.

Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.

Маҳз ҳамин бузургии дониш аст, ки донишманд дар ҳамаҷо соҳибобрӯст ва ҳарҷо, ки равад аз гуле гулистон ва аз шохае баҳори бехазон меофарад.

Рамзист, ки ҳамасола «Рӯзи дониш - дарси сулҳ» аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам






Зоир НАСРУЛЛОЗОДА
донишҷӯйи соли 3

Эмомалӣ Раҳмон гузашта мешавад, ки ин бори дигар бузургии илму донишро собитгар аст.

Омӯзгори ин дарс Пешвои маорифпарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда шунавандаи дарс кулли мардуми Тоҷикистон аст, ки аз аввалин рӯзи ба шоҳроҳи дониш ворид гаштан Пешвои миллат ҳар як ҳамсафари ин роҳро ба сӯйи ҷаҳд кардан дар роҳи илм, омӯхтани на танҳо хату савод балки аз худ кардани илмҳои муосири ҷаҳон баҳри пешрафти ин диёри маҳбуб роҳнамоӣ мекунад.

Бо дарси сулҳ оғоз гардидани рӯзи дониш ба як анъанаи нек табдил ёфтааст зеро маҳз сулҳ, дӯстӣ, якдилӣ, ҳамбастагӣ ва аз як гиребон сар баровардан аст, ки тамоми орзуҳо ба нақша ва нақшаҳо ба амал мепайванданд.

# ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – МАКТАБИ АДОЛАТ ВА МАСЪУЛИЯТ



Нилуфарҷон ЮСУФОВА
донишҷӯйи соли 2

*Бо оғози ҳар соли нави таҳсил, дарҳои донишгоҳ барои ҳазорон ҷавонон боз мешаванд. Барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ин марҳила аҳамияти хосса дорад, зеро онҳо роҳи душвор, вале пурифтихори ҳимояи адолат ва қонуниятро интихоб кардаанд.*

Чаро ҳуқуқшиносӣ танҳо илм нест?

Ҳуқуқшиносӣ аз ибтидо на танҳо хондани китоб ва азхудкунии моддаҳои қонун аст. Ин пеш аз ҳама тарзи фикр кардан мебошад. Ҳар як донишҷӯи ҳуқуқшиносӣ бояд масъалаҳоро аз чанд ҷониб таҳлил карда тавонад, ҳақиқатро аз зоҳир ҷудо созад ва ба қонун ҳамчун асоси зиндагӣ назар намояд.

«Қонун беадолатиро нametavonad аз миён барад, агар он дар дилҳои инсон адолатро бедор накунад.» — Маҳатма Гандӣ

Масъулият — асолати роҳи ҳуқуқшинос.

Донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ бояд аз рӯзҳои аввал дарк карда тавонад, ки:

— Ҳар як сухан метавонад сарнавиштро тағйир диҳад.

— Ҳар як қарор метавонад адолатро барқарор ё баръакс нобуд созад.

— Ҳар як бетафовутӣ метавонад ҳуқуқи инсонро поймол намояд.

Ин аст, ки роҳи ҳуқуқшиносӣ танҳо ба шуҷоатмандон ва масъулиятшиносон тааллуқ дорад. Ин роҳ осон нест, аммо пуршараф аст.

«Ҳуқуқшинос касест, ки қонунро ба воситаи инсоф ва виҷдон ба ҷомеа меорад.» — Шарл Луи Монтескё

Факултети ҳуқуқшиносӣ – мактаби зиндагӣ ва инсонгароӣ.

Ин ҷо донишҷӯ на танҳо дониши ҳуқуқӣ меомӯзад. Вай иқтидори баҳс кардан ва ҳимояи ҳақиқатро инкишоф медиҳад; иқтидори суханварӣ ва таъсир ба ҷомеаро ба даст меорад; ба инсоф, адолат ва инсонгароӣ бештар одат мекунад. Ҳуқуқшинос шудан маънои онро дорад, ки ту бояд ба дигарон умед бахшӣ, аз ҳақиқати ноадолатона дифоъ кунӣ ва садои онҳое бошӣ, ки садояшон шунида намешавад.

Илҳоми оғози соли таҳсил.



Соли нави таҳсил ҳамеша оғози сафари тоза аст. Барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ин оғози масъулияти нав аст: масъулият дар назди оила, ҷомеа ва пеш аз ҳама дар назди виҷдони худ аст. Ҳар як донишҷӯи ин факултет бояд дар хотир дошта бошад, ки қонун танҳо дар китоб нест, адолат танҳо орзу нест ва масъулият танҳо як калима нест.

Хулоса, факултети ҳуқуқшиносӣ мактабе аст, ки донишҷӯёнро ба шахсиятҳои босавод, масъулиятшинос ва адолатпарвар табдил медиҳад. Соли нави таҳсил на танҳо давраи омӯзиши илмҳои ҳуқуқӣ, балки марҳилаи ташаккули шахсият ва таҳкими ҷаҳонбинӣ мебошад.

Ҳар як донишҷӯи ин факултет бояд бо ифтихор бигӯяд: «Ман донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ ҳастам ва роҳи ман роҳи адолат аст!»

**Истиқлоли давлатӣ бузургтарин ва муқадастарин неъмат, нишонаи олии ҳувиятӣ миллӣ, ифтихор ва номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии милати бостонӣ ва соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик ва асоси хушбахтиву сарбаландии сокинони Тоҷикистон мебошад. Маҳз истиқлолият ба мо имконияти таърихие фароҳам овард, ки Ватани худро соҳиби кунем, давлатдории миллии худро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем.**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ – ПОЯИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ ВА РУКНИ АСОСИИ ДАВЛАТДОРӢ

Истиқлолият барои ҳар як миллат бузургтарин арзиш, пояи ҳастӣ ва заминаи асосии давлатдорӣ мебошад. Миллате, ки соҳибистиқлол аст, соҳиби сарнавишти худ буда, метавонад бо дастони худ роҳи пешрафт ва дурнамои давлатдории худро муайян намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Истиқлоли давлатиро на танҳо рамзи озодиву соҳибихтиёрӣ, балки рукни асосии давлатдорӣ медонанд. Маҳз бо иродаи қавӣ ва сиёсати дурандешонаи Пешвои миллат, барои наслҳои оянда шакли идоракунии президентӣ бо такя ба таҷзияи ҳокимиятҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ таҳким ёфт ва пояҳои давлатдории миллӣ гузошта шуданд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъулияти баланд ва садоқати



**РАҲМОНЗОДА Муҳаммад**
**мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

ватандӯстона, идоракунии президентиро интихоб намуда, бо иродаи худ дар раванди эъмори давлати соҳибистиқлол саҳм гузоштанд. Ин далел шаҳодат медиҳад, ки миллати тоҷик ба урфу одат, анъанаҳои худ, фарҳанги инсонпарвариву ватандӯстӣ такя намуда, маърифати баланд ва худогоҳии миллӣ дорад.

Рӯзи соҳибистиқлолии мамлакат, ки дар саҳифаҳои таърихи навини Ватанамон бо хатти заррин сабт шудааст, барои мардуми куҳанбунёду тамаддунсози мо санаи барқарор гардидани адолати таърихӣ, яъне соҳиби давлатдории мустақили миллӣ гардидани миллати тоҷик ва дар арсаи байналмилалӣ парафшон шудани парчами давлати тоҷикон мебошад», – ин нуктаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар чорабинии бошукӯҳ бахшида ба 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии мамлакат изҳор доштанд.

Воқеан ҳам, Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон неъмати беназири халқи тоҷик маҳсуб ёфта, барои ноил шудан ба он миллати тоҷик марҳилаҳои зиёди таърихиро паси сар намудааст. Бо шарофати соҳибистиқлолии мамлакат Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист ба арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақил ворид шуда, дар ҳалли масъалаҳои муҳимтарини сатҳи байналмилалӣ саҳми худро гузорад. Ҳамин аст, ки имрӯз истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намуда, дар чорабиниҳои зиёди миллии халқи тоҷик намояндагони кишварҳои гуногуни ҷаҳонӣ иштироки фаъолона доранд.

Истиқлолият ормони таърихии миллати тоҷик аст, ки бо талошҳои бузурги фарзандони шарафманд, махсусан бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмин ва таҳким ёфт. Имрӯз, баъди гузашти 34 сол, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бо ифтихор ва эътимод ба сӯи ояндаи равшан қадам мегузорад. Истиқлолият – ин на танҳо озодии давлат, балки масъулияти ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар назди миллат, давлат ва наслҳои оянда мебошад.

Истиқлолияти давлатӣ дастоварди бузург дар таърихи давлатдории тоҷикон мебошад. «Истиқлолият» мафҳуми арзишманд ва дар навбати худ калидие мебошад, ки ноил гардидан ба он шарафи бузург барои ҳар як миллат аст. Истиқлолияти давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки рушди босубот дар кишвар таъмин гардад, сатҳи некуаҳволии аҳли ҷомеа беҳтар ва натиҷаҳои бузург дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба даст оварда шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки Истиқлолияти давлатиро дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи ойину суннатҳо ва рушди илму адаб метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди нерӯи зеҳнӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд. Маҳз ба шарофати истиқлолият сиришти маънавии миллати тоҷик расмияти сиёсӣ пайдо кард. Дастоварди бузургтарини мо тули ин солҳо барқарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик ва роҳбари оқилу фарзона муяссар гардид.

Зикр бояд кард, ки дар даврони Истиқлолият давлати ҷавони тоҷикон дар байни мамолики ҷомеаи ҷаҳони муосир мавқеъ ва манзалати хос пайдо намуд. Имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол аз зумраи давлатҳои озоду ободест, ки дар он баробари расму оини миллию мардумӣ анъанаҳо ва маросимҳои динӣ риоя мегарданд.

Маҳз роҳбарии хирадмандонаи давлатсозӣ ва давлатмеҳварии Сар-



**МИРЗОЗОДА Қобилҷон**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

вари давлат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Тоҷикистон дар муддати 34 соли соҳибистиқлолӣ ба дастовардҳои беназир дар сиёсати дохилию хориҷӣ ва дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ноил гардид. Ба шарофати Истиқлолият имрӯз мо дар фазои ободу зебо умр ба сар бурда ба дастовардҳои назаррас ноил гашта истодаем. Чӣ тавре, ки Пешвои муаззами миллат дар баромадҳояшон таъкид менамоянд, агар истиқлолияти давлатии мо ҷавон бошад ҳам, умри миллат ва таърихи давлатдории аҷдодони мо ҳазорсолаҳост.

Истиқлолият асоси пойдории давлат, рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмат, дастоварди бузургу бебаҳои таърихӣ ва ормони чандинасраи фарзандони асилу огоҳ маҳсуб меёбад. Дар замони ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди манфиатҳо зарур аст, ки ҳар фард, махсусан мо ҷавонон ба эътимоду эътиқоди Пешвои миллат сазовор бошем, маърифату ҷаҳонбинии худро таҳким бахшида, баҳри баланд бардоштани нуфузу эътибори миллат, пойдории давлати соҳибистиқлолу ҳуқуқбунёд саҳми худро гузорем ва дар марҳилаҳои амалишавии ормонҳои халқу миллатамон саъю кӯшиш намоем.

Инак миллати тоҷик 34-умин солгарди ҷашни Истиқлолиятро таҷлил мекунад, ки он нишонаи муттаҳиддиву иродаи қавии ҳар як шаҳрванди баору номуси мамлакат ҳаст. Истиқлоли давлатӣ муҳимтарин дастоварди миллати тоҷик буда, он барои таъмини зиндагии шоиста ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ шароити мусоидро фароҳам овардааст.

Ҳамин тариқ, Истиқлоли давлатӣ асоси ҳастии миллат, рамзи озодӣ ва пояи давлатдории миллӣ мебошад. Танҳо дар партави он метавонем давлати муосир, қавӣ ва пешрафта бунёд созем ва мақому манзалати Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боло барем.



# ИСТИҚЛОЛИЯТ – ОҒОЗИ САҲИФАИ НАВ ДАР ТАЪРИХИ ТОҶИКОН



Бахром ЧАҚАЛОВ
донишҷӯи соли 4

*Истиқлолият бузургтарин дастоварди ҳар як миллат аст, зеро озодӣ ва соҳибихтиёрӣ имкон медиҳад, ки давлату ҷомеа роҳи рушди худро мустақилона интихоб намоянд. Истиқлолият дар мафҳуми воқеии худ на танҳо рамзи озодиву соҳибихтиёрии миллӣ, балки таҷассумгари ҳувият, худшиносӣ ва иродаи созандаи мардум мебошад.*

Барои халқи тоҷик, ки таърихи чандинҳазорсола дорад ва дар давраҳои гуногуни таърихӣ озмоишҳои сахтро паси сар намудааст, ба даст овардани истиқлолият рӯйдоди сарнавиштсоз ва оғози саҳифаи нав дар ҳаёти давлатдории миллӣ маҳсуб меёбад. Миллати тоҷик тӯли асрҳо бо мушкилот ва санҷишҳои сахти таърихӣ рӯ ба рӯ гардида, ҳамеша барои ҳифзи забон, фарҳанг ва замини аҷдодӣ мубориза бурдааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки истиқлолият барои ҳар миллат неъмати муқаддас ва бузургтарин дастоварди сиёсӣ ба шумор меравад. Он имконият медиҳад, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро мустақилона муайян кард, сарватҳои табиӣ ва қудрати иқтисодиро барои манфиати худ истифода бурд ва сарнавишти миллатро бо дасти худ бунёд сохт.

Солҳои 80–уми асри гузашта, бо пайдоиши раванди бозсозӣ ва афзоиши ҳаракатҳои миллӣ дар тамоми ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, масъалаи истиқлолият низ ба миён омад. Дар ҳамин замина, Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти худро ба даст овард ва ин дастоварди бузург барои оғози марҳалаи нави таърихӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Бо вуҷуди ин, роҳи ба даст овардани истиқлолият осон набуд. Солҳои аввал барои давлати навбунёд бисёр сангин паси сар шуданд, зеро мушкилоти иқтисодӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ тақдири давлати ҷавонро зери хатар гузошт. Ҳазорон нафар қурбон шуданд, ҳазорҳо оила аз Ватан ҷудо гардиданд ва хатар ба пояҳои давлатдории нав таҳдид мекард. Бо вуҷуди ин, ба шарофати иродаи қавии мардум ва роҳбарияти олии кишвар, сулҳу субот барқарор гардид ва Тоҷикистон тавонист аз вартаи ҳалокат раҳо ёбад.

Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими истиқлолият ва пойдории давлати тоҷикон бениҳоят бузург аст. Маҳз дар даврахои мушкил, вақте ки кишвар дар вартаи парокандагӣ қарор дошт, ӯ масъулияти таърихиро ба дӯш гирифт ва бо иродаи қавӣ тавонист миллатро аз вартаи ҷанг раҳо созад. Икдомҳои сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат, ки бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 анҷом ёфт, ба Тоҷикистони ҷавон имкон дод, ки роҳи рушди устуворро пеш гирад.

Ба даст овардани истиқлолият маънои эҳёи ҳақиқии миллатро дорад, зеро маҳз дар фазои озодӣ инсон метавонад қудрати эҷодӣ, нерӯи созанда ва ормонҳои деринаи худро ба воқеият табдил диҳад. Имрӯз Тоҷикистон ба туфайли сиёсати «дарҳои кушод», муносибатҳои дӯстона бо кишварҳои ҷаҳон ва иштироки фаъолона дар созмонҳои байналмилалӣ чун як давлати сулҳпарвар эътироф шудааст. Ин рӯйдоди таърихӣ имконият фароҳам овард, ки тоҷикон бо ифтихор ба гузаштаашон назар афканда, аз таҷрибаи пурғановати таърихи худ сабақ гирифта, бо иродаи матин ва орзуву ормонҳои нав ба сӯи ояндаи дурахшон қадам гузоранд.

Лозим ба ёдоварист, ки истиқлолият барои мо на танҳо дастоварди бузурги сиёсӣ, балки заминаи асосии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ба шарофати истиқлолият миллати тоҷик тавонист, ки забон ва фарҳанги миллиро шоиста нигоҳ дорад ва онро ба наслҳои оянда мерос гузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлолиятро чунин тавсиф кардаанд: «Истиқлолият бузургтарин неъмат ва муқаддастарин дастоварди миллат аст, ки бояд мисли гавҳараки чашм ҳифз гардад».

Дар ҳамин замина, ин дастоварди бузург, ки бо муборизаҳо, заҳматҳо ва қурбониҳои зиёд ба даст омадааст, имрӯз бояд аз ҷониби ҳар як шаҳрванди кишвар пос дошта шавад. Масъулияти насли ҷавон дар он аст, ки бо илму дониш, меҳнату ватандӯстӣ ва садоқат ба миллат истиқлолиятро ҳифз ва таҳким бахшанд. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон вазифадор аст, ки истиқлолиятро ҳифз намуда, бо заҳмати созанда барои таҳкими он саҳм гузорад. Зеро танҳо дар фазои истиқлолият метавон давлати пешрафта, ҷомеаи мутамаддин ва зиндагии шоистаро бунёд кард.

Истиқлолият ҳамчун рукни асосии ҳувияти миллӣ имконият медиҳад, ки давлат ва ҷомеа бо сиёсати мустақилона роҳҳои рушд ва пешрафти худро муайян намояд, зеро бе истиқлолият ҳар талош барои таҳкими ҷомеа ва фароҳам овардани фазои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ маҳдуд хоҳад буд ва наметавонад сатҳи воқеии худшиносӣ ва масъулияти шаҳрвандиро дар байни аҳолӣ ба вуҷуд оварад.

Истиқлолият имконият медиҳад, ки фарҳанг ва суннатҳои миллӣ, ки дар шароити гуногуни замон таҳти таъсири дигар давлатҳо ва фарҳангҳои хориҷӣ қарор доштанд, эҳё ва густариш ёбанд ва дар ҳамин замина забон ва фарҳанги миллӣ ҳамчун рукни асосии ҳувияти миллӣ арзиши худро пайдо намуда, имкони тарғиби арзишҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва маърифатиро дар байни ҷомеа фароҳам овард.

Саҳифаи истиқлолият саҳифаи ифтихор ва саодати миллӣ аст, зеро маҳз дар ҳамин марҳила тоҷикон ба ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ ва худшиносии воқеӣ рӯ оварданд. Ин рӯйдоди бузург роҳи моро ба сӯи ояндаи равшан ва ҷомеаи пешрафта кушод. Истиқлолият барои ҳар як шаҳрванди кишвар рамзи шараф ва рамзи нангу номус аст, ки миллат метавонад бо нерӯи худ, бо ақлу заковат ва бо талоши пайваста роҳи худро мустақилона тай намояд.

Ҳамин тавр, Истиқлолият саодати бузург ва дастоварди таърихиест, ки миллати тоҷик онро бо ранҷу талош ба даст овард. Ин рӯйдод барои мо на танҳо рамзи озодӣ, балки сарчашмаи худшиносӣ, ифтихор ва нерӯи созанда мебошад. Тавре ки дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегардад, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди кишвар бояд дарк кунад, ки ҳифз ва таҳкими истиқлолият вазифаи муқаддас ва қарзи ҳар як фарди Тоҷикистон аст, зеро танҳо дар фазои истиқлолият Тоҷикистон метавонад бо қадамҳои устувор ба сӯи пешрафт, субот ва шукуфоии оянда раҳнамун гардад.



# ТАВОНО БУВАД ҲАР КИ ДОНО БУВАД...



Шукрона ХӮҶАМҚУЛОВА
донишҷӯйи соли 4

Дониш - ин маърифат, илм, фарҳанг, хирад, фахм ва идрок аст. Илму дониш аз ҳама давлат бартар аст ва олим хар кучо, ки равад иззат ва хурмат мебинад. Агар шир ғизои тифл бошад, донишу илм ғизои рухи инсон аст.

Илму дониш чароғи роҳи ҳар яки мост. Он дилу роҳи инсонро равшан месозад ва моро аз ҳама гуна чаҳлу разолат ва бадӣ эмин нигоҳ медорад. Дониш мӯнис аст дар бимнокӣ, ёраст дар танҳоӣ, силоҳ аст бар зидди душманон ва оромишаст дар миёни дӯстон.

Шахси донишманд бо зӯри хирад дили кухро мешикофад, дар 1 соат роҳи дарозеро тай мекунад... Агар оламро офтоб мунаввар созад, пас инсонро дониш ва илмаш дар чомеа баландмақом мегардонад. Гуфтаанд, ки «Аз гахвора то гӯр биомӯз», зеро донишомӯзӣ пирӣ надорад ва дониш худ бахри бехадду худуд аст. Дар тӯли таърихи инсоният илмҳои гуногун пайдо шуда инкишоф ёфтаанд, ки чанбаҳои гуногуни олами атрофро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд.

Касе, к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,
На ӯ бозмонад, на омӯзгор.
Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану бофтан.

Аз қаъри бахр гавҳар меҷӯянд, аз саҳафоти китоб - дониш. Зеро ҳамаи донишҳо аз китоб сарчашма мегиранд. Китоб масофаҳоро наздик, хаёлҳоро баланд ба парвоз оварда, аз заррот ашёи ҳастӣ эҷод мекунад. Китоб ганчинаи тафаккурхост, махзани умеду орзу роҳнамо ба оламои дониш. Он дурри гаронбаҳоест, ки шаъшаа бар хаёл афзуда, маънихои баланди хаётию ичтимоиро ангезиш медихад. Дар замони ҳозира, вакте ки дар олам тағйироти азими иқтисодию ичтимоӣ ба вукуъ меояд, вақте ки садҳо миллион одамони рӯи дунё дар чараёни таърихӣ иштирок менамоянд, нақши китоб ҳамчун яке аз воситаҳои азими прогресс беш аз пеш меафзояд.

Дониш чун чароғ равшан аст, агарчи бисёр чароғҳо аз ӯ барфурӯзанд, ҳеҷ нури ӯ кам нашавад. Барои соҳибақл ва донишманд гардидани инсон нақши оила ва омӯзгор аввалиндарачааст. Зеро ба камол расонидани насли бонангу номус, соҳибкасб ва дар зехну шуури онхо густариш додани ҳисси худогоҳиву хуввияти миллӣ ва расидан ба кадри арзишҳои неки маънавию ахлокӣ махз аз оила сарчашма мегирад. Сипас дар мактабу донишгоҳ ва бо кӯмаки устодон . Омӯзгор равшангари дилҳо ва ҳидоятгари роҳи рост дар зиндагӣ мебошад. Омӯзгорӣ оростани чаҳон бо зевари хираду огоҳӣ ва дастёбӣ ба адолату аз байн бурдани чаҳлу хурофот аст...

Агар дар чаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Дониш омӯхтан бо амал намудан судманд аст. Яъне дониши назарӣ ҳамон вакт комил аст, агар бо амал созгорояд. Дар баробари он, ки инсон илм, дониш ва хунарeро аз худ мекунад бояд онро дар амал низ татбиқ намояд. Зеро чӣ тавре, ки Саъдии бузургвор мегӯяд: «Се чиз бе се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорат, илм бе бахс ва мулк бе сиёсат».

Илм чандон, ки бештар хонӣ
Чун амал дар ту нест, нодонӣ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар баробари амалӣ намудани тадбирҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ба соҳаи маориф низ аҳамияти ҷиддӣ дода, дар як муддати кӯтоҳ бисёре аз муассисаҳои таълимӣ, донишгоҳҳо, китобхонаҳоро таъмир карда, пояи моддию техникии онҳоро баркарор намуданд. Зеро ояндаи давлат аз ҷавонони босаводу соҳибхирад сахт вобаста аст. Бо максади рухбаланд гардонидани олимон ва дастгирии соҳаи илм як қатор ҷоизаву мукофотҳо таъсис шуда, барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд. Ҳамасола дар рӯзи дониш баргузор гардидани «Дарси сулх» аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон далели он аст, ки Сарвари давлат ба соҳаи маориф ва таълими насли наврас ва ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Мо ҷавонон бояд кӯшем, то ҳар қадар зиёдтар худро бахри андӯхтани илм водор созем, барои мо тамоми шароитҳои муосир фароҳам оварда шудааст. Аз мо фақат майлу хоҳиш ва кӯшиш. Чунончи:

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

«Рӯзи дониш» ба кулли донишомӯзон муборак бошад! Орзуманди онем, ки бо саъю талошу соҳибхиради хеш ва роҳбаладии устодону оила ба куллаҳои баланди зиндагӣ бирасем.

# ЗНАНИЕ СИЛА – СИЛА ЗНАНИЕ



ШАРИФЗОДА Махмуд
студент 4-го курса

*Каждый год 1 сентября вся страна отмечает особенный праздник - День знаний. Это не просто дата в календаре, а символ начала нового учебного года, новых открытий и стремления к знаниям. Для миллионов школьников, студентов, учителей и родителей этот день наполнен волнением, радостью и надеждами.*

День знаний особенно важен для первоклассников. Для них 1 сентября - это первый шаг в мир большой и серьёзной жизни. Они приходят в школу с букетами, в нарядной форме, с широко открытыми глазами, полными ожиданий. Именно в этот день закладываются первые впечатления об учебе, о школе, о дружбе и ответственности.

Но не только для первоклашек важен этот день. Для каждого ученика и студента - это возможность начать всё заново: поставить новые цели, преодолеть прошлые трудности, стать лучше. Это как новая страница книги - чистая, белая, ждущая своих строк. И только от самого человека зависит какого будет этот год. Он может быть скучным, простым и без приключение как и се предадущие или же ярким с новыми достижениями и приключениями. И все это в руках самого человека. Образование -это самый мощный инструмент, который вы можете использовать, чтобы изменить мир. Не надо бояться изменить свою жизнь, получить новые знание или сделать ошибку а надо бояться того что мы ничего не узнаем или не изменимся в лучшую сторону.

Учителя в этот день также чувствуют особое волнение. Они снова встречаются со своими учениками, готовы делиться знаниями, вкладывать душу в обучение и воспитание. Их труд - неоценим, ведь именно они помогают нам становиться умнее, увереннее и взрослее. Можно сказать учителя станут для нас тем самыми наставниками уроки и советы которых в будущим помогут нам достичь своих целей в жизни. И помните знание не даются их добьются. И учиться нужно не рады школы а рады себя.

День знаний - это напоминание о важности образования. В современном мире знания - ключ к успеху, к развитию, к свободе выбора. Учёба - это не только уроки и домашние задания, но и формирование личности, развитие критического мышления и умения жить в обществе. Сейчас мы находимся в XXI веке где огромную роль играет современные технологии. Без знаний мы естественна не можем получить доступ к этим технологиям. Сейчас все зависит от технологии, например если хочет оплатить счет в магазине или ресторане то не нужно больше таскать с собой бумажник сейчас можно все оплатить через телефон на лицевой счет. Хотите быстро и эффектно получить информацию искусственный программы вам помогут. Человечество достигло такого уровня развития лишь блогадаря знаниям. Я лишь надеюсь что наши знание должны быть направленны на улучшены медицины, развития туризма и развития науки. Как сказал один великий философ «Знание – сила».

Пусть каждый день знаний будет праздником вдохновения, стремления к новым вершинам и любви к учению. Этот день напоминает: учиться - это значит расти, развиваться, становиться лучше. Неважно, сколько тебе лет - 7 или 17, - каждый из нас идёт по своему пути, где знания - это главные ориентиры. И каждый год 1 сентября - это как новый старт, возможность переосмыслить себя, поставить перед собой цели и стремиться к ним.

С первых дней независимости образование, наука и культура были провозглашены приоритетными направлениями государственной политики. Уважаемый Эмомали Рахмон неоднократно подчёркивал, что «цивилизованное строительство нации начинается с образования» В результате, образовательному сектору уделялось стабильное внимание и финансирование.

2. Существенный рост инфраструктуры и численности учащихся

За годы независимости число образовательных учреждений значительно выросло:

Учебных заведений - более чем в два раза;

Среднепрофессиональных учреждений - увеличилось в 1,6 раза (численность учащихся - в 3,5 раза);

Высших учебных заведений - выросло в четыре раза, а количество студентов - более чем в три раза

К 2023 году зафиксировано 2,6 млн обучающихся (по сравнению с 2,1 млн в 2017), с прогнозами роста до 2,7 млн к 2025 году

3. Активное развитие вузов и научных кадров

Высшее образование расширилось - с 13 вузов и 70 000 студентов в начале независимости до 41 вузов и 245 000 студентов ныне

Повышено внимание к курсам по иностранным языкам и ИТ - внедрены обязательные занятия от детсадов до лицеев и гимназий

Студенты получают возможности учиться за рубежом - около 40 000 таджикских бакалавров, магистров и PhD обучаются за границей; активно развиваются стипендиальные программы президента.

4. Стимулы для научной деятельности и поддержки талантливых учителей

Объявлены 2020–2040 гг. как Период развития естественных, точных и математических наук.

Учреждён ежегодный конкурс «Наука - свет познания»: победителям - поступление в вузы без вступительного экзамена, материальные и моральные поощрения для учеников.

## СӮГВОРӢ

Садорат, хайати омӯзгорону кормандони факултети хуқуқшиносӣ аз даргузашти модари профессори кафедраи хуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ Диноршоҳ Азиз, падари устоди кафедраи хуқуқи маданӣ Хоҷамуродов Дустмурод ва модари ассистенти кафедраи хуқуқи байналхалқӣ Исматзода Исматулло сахт андӯхгин буда, ба аъзои оила, хешу акрабои марҳум аз даргоҳи Яздони пок сабри ҷамил хоҳонанд.

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ – ДАСТОВАРДИ БЕНАЗИРИ МИЛЛӢ

**“Истиқлолу озодӣ барои мо рамзи воқеии ифтихор аз Ватану ватандорӣ, бузургтарин имконияти давлатсозиву давлатдории мустақил, илҳомбахши азму талошҳои созанда ба хотири таъмин намудани рушди давлат, ободии Ватан, зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як оилаи кишвар мебошад”.**

**Эмомалӣ Раҳмон**



АБДУЛАЗИЗЗОДА Таҳмина
судяи суди ноҳияи Шоҳмансур




Истиқлоли давлатӣ муназзаҳтарин дастоварди миллати тоҷик дар таърихи навин буда, оғози эҳёи давлатдории миллӣ, рушду тараққии соҳаҳои гуногун ва муаррифии ҷаҳонии таъриху тамаддуни тоҷикон дар арсаи байналмилал ба шумор меравад. Бо шарофати таҳкими истиқлолу озодӣ ваҳдати миллӣ дар ҷумҳурӣ ҳукмфармо буда, Тоҷикистони азиз барои амалӣ намудани ҳадафҳои бунёдкориву стратегӣ гомҳои устувор мегузорад.

Хушбахтона 24-уми августи соли 1990 Иҷлосияи дуюми Шурои Олии ҶТ «Эъломияи истиқлолияти ҶТ»-ро қабул кард, ки он ҳуҷҷати заминавӣ барои эълони Истиқлоли Тоҷикистон санаи 9-уми сентябри соли 1991 гардид.

Мутаассифона, дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ Ватани мо бар асари фитнаву дасисаи сиёҳкорони дохиливу хориҷӣ гирифтори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид, ки ин раванд боиси харобӣ, хисороту қурбониҳои зиёд ва фалаҷ шудани пояҳои ҳокимияти давлатӣ гардид, ки эҳтимоли аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллат ба воқеияти рӯз табдил ёфта буд.

Боиси хушнудист, ки мардуми шарифи Тоҷикистон бо азму иродаи қавӣ ва бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он имтиҳони сахту сангин гузашт ва ба башарият исбот намуданд, ки мо тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёду соҳибтамаддун метавонем тахти парчами истиқлолу озодӣ муттаҳид шуда, Ватани худро соҳибӣ намоему барои пешрафту инкишофи он талош варзем.

Таърихи соҳибистиқлолии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки ба ӯҳда гирифтани масъулияти роҳбарии давлат дар Иҷлосияи тақдирсози таърихии XVI-уми Шурои Олии ҶТ аз ҷониби фарзанди қаҳрамону диловари миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сабабгори наҷоти миллат аз муталошӣ ва ҳифзи давлатдорӣ мебошад. Маҳз аз ҷониби Роҳбари ҷавони кишвар андешаи сулҳу оштӣ ва гузашту ҳамдигарбахшӣ ба миён гузошта шуда, дар ҷумҳурӣ Нишони давлатӣ ва Парчами миллӣ қабул гардид. Ҳамзамон, бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи кишвар қабул шуд, мақомоти фалаҷшудаи давлатӣ барқарор гардид, бо талошҳои Пешвои миллат дар Тоҷикистон сулҳ ва Ваҳдати миллӣ танинандоз гардид ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ташаккул ёфт, аъзои созмону ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ гардид.

Воқеан, сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо дар сухан, балки амалан собит сохт, ки истиқрори сулҳ ва ваҳдат омили асосӣ ва созандаи ҷомеаи инсонӣ аст. Таҷрибаи сулҳ ва ризояти миллии тоҷикон, ки бо сарварии ӯ мо ба он дастёб гардидем, дар таърихи башарият падидаи нодиру ибратомӯз аст.

Боиси ифтихору сарфарозист, ки тахти сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Истиқлоли давлатӣ таҳким ёфта, миллати тоҷик, ки дорои таърихи чандинҳазорсола ва одату анъанаҳои фарҳангии бостонӣ мебошад, ба фардои рӯзгори худ ва ояндаи ободу осудаи Меҳани аҷдодӣ бо итминони комил ва эътимоди қавӣ назар менамояд.

Инчунин, бо ташаббусу заҳматҳои Сарвари давлат ва Ҳукумати мамлакат кишвари мо ба корҳои бузурги бунёдкориву созандагӣ машғул шуда, дар ин замина иқтисоди миллӣ рушд намуд ва Тоҷикистон ба мустақилияти иқтисодӣ дастёб гардида, муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои дигар, соҳаҳои хусусӣ, саноат, сайёҳӣ инкишоф ёфта, дар пешбурди сиёсати минтақавии кишвар ислоҳоти амиқи иҷтимоию иқтисодӣ гузаронида шуд. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавию байналмилалиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии мардумони минтақа ва олам бар пояи дӯстӣ ва ҳусни эътимод мебошад.

Қобили зикр аст, ки таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бумбасти комуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёти кишвар ҳамчун ҳадафҳои асосии стратегӣ муайян карда шудаанд.

Мусалам аст, ки рушду тараққии иқтисодиёти кишвар ба электроэнергетика алоқаи мустаҳкам дошта, баҳри ноил шудан ба истиқлоли комили энергетикӣ, таъмини аҳолӣ ба неруи арзону аз ҷиҳати экологӣ тозаи барқ ва афзудани иқтидорҳои энергетикӣ дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар қадамҳои устувор гузошта шуд, ки дар натиҷа сохтмон ва ба истифодабарии як қатор иншоотҳои бузурги тавлидоти неруи барқ рӯйи кор омад. Мисоли возеҳи он, сохтмон ва ба истифода додани НБО “Роғун” мебошад, ки он яке аз дастовардҳои бисёр ҳам муҳиму арзишманд барои имрӯзу ояндаи Ватани маҳбубамон буда, дар ояндаи наздик мусаббиби расидани Тоҷикистон ба истиқлоли комили энергетикӣ мебошад.

**ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДИИ ВАТАН ХУҶАСТАВУ ФАРХУНДА БОД!**